# نبذة في العقيدة الإسلامية )شرح أصول الإيمان) (للحرمين والجمعية(

# Шарҳи мухтасар дар ақидаи исломӣ

## Шарҳи мухтасар дар ақидаи исломӣ

Муҳаммад ибни Солеҳи Усаймин

## Шарҳи мухтасар дар ақидаи исломӣ

Навиштаи шайх, аллома

Муҳаммад ибни Солеҳи Усаймин

Худованд ӯву падару модараш ва тамоми мусалмононро раҳмату мағфират кунад.

Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон

## Муқаддима

Ҳамоно ситоиш аз они Аллоҳ аст, Ӯро ҳамду сано мегӯем, аз Ӯ ёри металабем, аз Ӯ омурзиш мехоҳем ва ба сӯи Ӯ тавба мекунем. Ва паноҳ мебарем ба Аллоҳ аз бадиҳои нафси хеш ва аз амалҳои зишти худ. Ҳар киро Аллоҳ ҳидоят кунад, гумроҳ кунандае нахоҳад ёфт ва ҳар киро гумроҳ кунад, ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, ягона ва бешарик аст, Ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва бар олу асҳобаш ва бар касоне, ки ба некӣ аз онҳо пайравӣ намуданд, бод.

Аммо баъд:

Илми тавҳид шарифтарини илмҳо, бузургтарин аз ҷиҳати қадру манзалат ва воҷибтарин аз ҷиҳати талаб аст, зеро он илм дар бораи Аллоҳ Таъоло, номҳо ва сифатҳо ва

ҳуқуқи Ӯ бар бандагонаш буда, калиди роҳ ба сӯи Аллоҳ Таъоло ва асоси шариатҳои Ӯст.

Аз ин рӯ, ҳамаи паёмбарон бар даъват ба сӯи он иттифоқ карданд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِيٓ إِلَيۡهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدُونِ 25﴾

(Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед»). (Сураи Анбиё, ояти 25).

Аллоҳ Таъоло ба ягонагии Худ гувоҳӣ дод ва фариштагонаш ва аҳли илм низ ба он гувоҳӣ доданд. Аллоҳи Таъоло мефармояд:

﴿شَهِدَ ٱللَّهُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَأُوْلُواْ ٱلۡعِلۡمِ قَآئِمَۢا بِٱلۡقِسۡطِۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ 18﴾

(Аллоҳ Таъоло, ки [дар ҷаҳони ҳастӣ] барподорандаи адл аст, гувоҳӣ додааст, ки маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест ва фариштагону уламо [низ бар ягонагӣ ва адолати илоҳӣ гувоҳӣ медиҳанд]. Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, [ки] шикастнопазиру ҳаким аст). (Сураи Оли Имрон, ояти 18).

Ва чун аҳамияти тавҳид ин гуна аст, бар ҳар мусалмоне лозим меояд, ки ба омӯхтану омӯзонидан ва тадаббуру эътиқоди он аҳамият диҳад, то дини худро бар асоси (ақидаи) солим, итминон ва таслим бино ниҳад ва аз самараю натиҷаҳои он бархурдор гардад.

Ва Аллоҳ Таъоло тавфиқ диҳанда аст.

Муаллиф

## Дини Ислом

Дини Ислом: ҳамон динест, ки Худованд бо он Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро фиристодааст ва бо он динҳоро хотима бахшидааст, онро барои бандагонаш комил гардонидааст ва неъматашро ба воситаи он бар онҳо тамом кардааст ва онро ҳамчун дин барояшон писандидааст. Пас, аз ҳеҷ кас дине ҷуз он пазируфта намешавад. Худованд мефармояд:

﴿مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَآ أَحَدٖ مِّن رِّجَالِكُمۡ وَلَٰكِن رَّسُولَ ٱللَّهِ وَخَاتَمَ ٱلنَّبِيِّـۧنَۗ وَكَانَ ٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٗا 40﴾

(Муҳаммад ҳаргиз падари ҳеҷ яки аз мардони шумо нест; балки расули Аллоҳ Таъоло ва хотами паёмбарон аст; ва Аллоҳ Таъоло ҳамвора ба ҳар чизе доност). (Сураи Аҳзоб, ояти 40).

Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ...﴾

(Имрӯз динатонро комил кардам ва неъматамро бар шумо тамом намудам ва исломро [ба унвони беҳтарин] дин бароятон баргузидам). (Сураи Моида, ояти 3).

Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلدِّينَ عِندَ ٱللَّهِ ٱلۡإِسۡلَٰمُۗ...﴾

(Дар ҳақиқат, дини [писандида] назди Аллоҳ Таъоло ҳамон Ислом аст...). (Сураи Оли Имрон, ояти 19).

Аллоҳ Таъоло дар ояти дигаре мефармояд:

﴿وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ 85﴾

(Ҳар ки дине ғайр аз Ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст). (Сураи Оли Имрон: 85)

Аллоҳ Таъоло бар ҳамаи мардум фарз гардонидааст, ки ба воситаи он (ислом) ба Аллоҳ Таъоло итоат кунанд ва ба Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хитоб карда, фармудааст:

﴿قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيۡكُمۡ جَمِيعًا ٱلَّذِي لَهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحۡيِۦ وَيُمِيتُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِيِّ ٱلۡأُمِّيِّ ٱلَّذِي يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَكَلِمَٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ 158﴾

(Бигӯ: «Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ Таъоло ба сӯйи ҳамаи шумо ҳастам. Ҳамон [Парвардигоре], ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест; зинда мекунад ва мемиронад, пас, ба Аллоҳ Таъоло ва фиристодааш – он паёмбари дарснохондае, ки ба Аллоҳ Таъоло ва суханонаш бовар дорад, имон биёваред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки ҳидоят шавед»). (Сураи Аъроф, ояти 158).

Ва дар "Саҳеҳ"-и Муслим аз Абӯҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«وَالَّذِي نَفْسُ مُحَمَّدٍ بِيَدِهِ لَا يَسْمَعُ بِي أَحَدٌ مِنْ هَذِهِ الْأُمَّةِ يَهُودِيٌّ وَلَا نَصْرَانِيٌّ، ثُمَّ يَمُوتُ وَلَمْ يُؤْمِنْ بِالَّذِي أُرْسِلْتُ بِهِ إِلَّا كَانَ مِنْ أَصْحَابِ النَّارِ».

"Савганд ба зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳеҷ кас аз ин уммат, хоҳ яҳудӣ ва хоҳ насронӣ бошад, (хабари паёмбарии) манро шунавад, сипас бимирад ва ба он чи ман фиристода шудаам, имон наоварад, магар ин ки аз аҳли ҷаҳаннам хоҳад буд".[1]

Ва имон ба ӯ: тасдиқи он чи овардааст, ҳамроҳ бо қабул ва таслим шудан аст, на танҳо тасдиқи холӣ. Аз ин рӯ, Абутолиб бо вуҷуди он ки гуфтаҳои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро тасдиқ мекард ва шаҳодат медод, ки он аз беҳтарин динҳост, муъмин набуд.

Дини Ислом тамоми масолиҳеро, ки динҳои пешин дар бар доштанд, фаро мегирад ва бо муносиб буданаш барои ҳар замон, макон ва уммат, бар онҳо бартарӣ дорад. Аллоҳ Таъоло ба паёмбараш хитоб намуда, мефармояд:

﴿وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمُهَيۡمِنًا عَلَيۡهِ...﴾

(Ва [эй паёмбар, мо ин] китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, [ки] тасдиқкунандаи китобҳои

[1] Муслим, китоби Имон, боби воҷиб будани имон ба рисолати Паёмбарамон Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҳамаи мардум ва насх шудани динҳо бо дини ӯ, рақам (153).

пешин аст ва мавриди эътимод [-и китобҳои осмонӣ ба унвони меъёре барои ҳақ ва ботил] аст...) (Сураи Моида, ояти 48).

Маънои муносиб будани он барои ҳар давру замон ва уммат ин аст, ки пайравӣ аз он мухолифи манофеи уммат дар ҳеҷ давру замоне нест, балки салоҳи он дар ҳамин аст. Ва ин ба он маъно нест, ки он тобеъи ҳар давру замон ва уммат бошад, чуноне ки бархе аз мардум мехоҳанд.

Ва дини Ислом: ҳамон дини ҳақ аст, ки Аллоҳи Мутаъол барои касе, ки ба он ба таври комил пойбанд бошад, замонат додааст, ки ӯро нусрат диҳад ва бар дигарон пирӯз гардонад. Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

﴿هُوَ ٱلَّذِيٓ أَرۡسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلۡهُدَىٰ وَدِينِ ٱلۡحَقِّ لِيُظۡهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ وَلَوۡ كَرِهَ ٱلۡمُشۡرِكُونَ 9﴾

(Ӯст, ки Паёмбарашро бо ҳидояту дини ҳақ фиристодааст, то онро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад, ҳарчанд мушрикон нохушнуд бошанд). (Сураи Сафф, ояти 9).

Дар ояти дигар мефармояд:

﴿وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنكُمۡ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَيَسۡتَخۡلِفَنَّهُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ كَمَا ٱسۡتَخۡلَفَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمۡ دِينَهُمُ ٱلَّذِي ٱرۡتَضَىٰ لَهُمۡ وَلَيُبَدِّلَنَّهُم مِّنۢ بَعۡدِ خَوۡفِهِمۡ أَمۡنٗاۚ يَعۡبُدُونَنِي لَا يُشۡرِكُونَ بِي شَيۡـٔٗاۚ وَمَن كَفَرَ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ 55﴾

(Аллоҳ Таъоло ба афроде аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд,

ваъда додааст, ки ҳатман, ононро дар замин ҷонишин [-и мушрикон] месозад. Ҳамон гуна ки касонеро, ки пеш аз онон буданд, [низ] ҷонишин [-и кофирону ситамгарон] намуд ва [фармудааст] динашонро, ки барои онон писандидааст, барояшон устувор [-у пирӯзманд] созад ва тарсашонро ба оромишу амният табдил кунад [чаро ки] танҳо Маро мепарастанд ва чизеро бо Ман шарик намесозанд ва ҳар ки аз ин пас куфр биварзад, пас, инонанд, ки нофармонанд). (Сураи Нур, ояти 55).

Дини Ислом эътиқод ва шариат аст. Бинобар ин он дар эътиқодаш ва шариатҳояш комил аст:

1- Ба тавҳиди Аллоҳ Таъоло амр мекунад ва аз ширк наҳй мекунад.

2- Ба ростгӯӣ амр мекунад ва аз дурӯғгӯӣ боз медорад.

3 - Ба адолат амр намуда, аз зулму ситам манъ менамояд. Адл, ин баробарӣ миёни чизҳои яксон ва тафовут гузоштан миёни чизҳои мухталиф аст. Ва адл баробарии мутлақ нест, чунонки баъзе аз мардум ин суханро ба таври умумӣ ба забон оварда мегӯянд: «Дини Ислом дини баробарӣ аст». Зеро баробар донистани чизҳои мухталиф зулм аст, ки Ислом онро раво намедонад ва анҷомдиҳандаи он шоистаи ситоиш нест.

4- Ба амонат амр мекунад ва аз хиёнат боз медорад.

5 - Ба вафодорӣ амр мекунад ва аз ғадр боз медорад.

6- Ба некӣ ба волидайн амр мекунад ва аз оқи волидайн бозмедорад.

7- Ба нигоҳ доштани пайванди хешутаборӣ амр мекунад ва аз кандани он наҳй менамояд.

8 - Ба ҳамсоядории нек амр мекунад ва аз ҳамсоядории бад боз медорад.

Хулосаи калом ин аст, ки Ислом ба ҳар як ахлоқи наҷиб амр мекунад ва аз ҳар як ахлоқи паст наҳй мекунад ва ба ҳар як амали нек амр мекунад ва аз ҳар як амали бад наҳй мекунад.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُ بِٱلۡعَدۡلِ وَٱلۡإِحۡسَٰنِ وَإِيتَآيِ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَيَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِ وَٱلۡبَغۡيِۚ يَعِظُكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ 90﴾

(Дар ҳақиқат, Аллоҳ Таъоло [шуморо] ба адлу накукорӣ ва бахшиш ба хешовандон фармон медиҳад ва аз фаҳшо ва зишткорӣ ва саркашӣ наҳй мекунад. Ӯ шуморо панд медиҳад; бошад, ки панд гиред). (Сураи Наҳл, ояти 90).

## Аркони Ислом

Аркони Ислом: асосҳое, ки Ислом бар онҳо бунёд шудааст ва онҳо панҷтоанд: Дар ривояти Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) зикр шудааст, ки фармуданд:

«بُنِيَ الْإِسْلَامُ عَلَى خَمْسَةٍ: عَلَى أَنْ يُوَحِّدَ اللَّهَ - وَفِي رِوَايَةٍ عَلَى خَمْسٍ -: شَهَادَةِ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَأَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ، وَإِقَامِ الصَّلَاةِ، وَإِيتَاءِ الزَّكَاةِ، وَصِيَامِ رَمَضَانَ، وَالْحَجِّ»

«Ислом бар панҷ чиз бино ёфтааст: бар ягона донистани Худо; дар ривояте бар панҷ (чиз): гувоҳӣ додан ба ин ки нест маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст; барпо доштани намоз; додани закот; рӯзаи Рамазон; ва ҳаҷ». Марде гуфт: Ҳаҷ ва рӯзаи моҳи Рамазон? Фармуданд:

«لَا، صِيَامُ رَمَضَانَ، وَالْحَجُّ»

"Не, рӯзаи Рамазон, ва ҳаҷ". Ҳамин тавр инро аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидам[1].

1- Аммо, шаҳодат додан ба ин ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад бандаву фиристодаи Ӯст, иборат аст аз: эътиқоди қатъӣ, ки бо забон тавассути ин шаҳодат баён мешавад, гӯё ки инсон бо он қатъияти худ, шоҳиди он аст. Ва ин шаҳодат як рукн қарор дода шудааст, ҳарчанд ки мавриди шаҳодат чандин чиз аст:

Зеро Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) расонанда аз ҷониби Аллоҳ Таъоло мебошад, пас, гувоҳӣ додан ба бандагӣ ва рисолати ӯ аз

[1] Ривояти Бухорӣ: Китоби Имон, рақами (8), Муслим: Китоби Имон, боби «Қавли Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам): Ислом бар панҷ чиз бино шудааст», рақами (16).

ҷумлаи комил гардонидани шаҳодати “нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ” аст.

Ва чун ин шаҳодатайн асоси сиҳати аъмол ва қабули онҳост, ҳеҷ амале саҳеҳ ва қабул намешавад, магар бо ихлос ба Аллоҳ Таъоло ва пайравӣ аз Расули Ӯ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам).

Бо ихлос барои Аллоҳ, шаҳодати он ки маъбуди барҳаққе нест магар Аллоҳ, таҳаққуқ меёбад ва бо пайравӣ аз Расулуллоҳ шаҳодати он ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, таҳаққуқ меёбад.

Ва аз самараҳои ин шаҳодати бузург: озод намудани қалбу нафс аз ғуломии махлуқот ва аз пайравӣ ба ғайри расулон, аст.

2- Аммо адои намоз: ибодати Аллоҳ Таъоло бо ба ҷо овардани он ба сурати комилу дуруст, дар вақтҳо ва шаклҳояш мебошад.

Аз самараҳои он: кушоиши сина, равшании чашм ва боздоштан аз фаҳшо ва мункар, аст.

3- Аммо пардохтани закот бошад: ин ибодат кардан ба Аллоҳ Таъоло бо баровардани миқдори воҷиб аз молҳое, ки закоташон воҷиб шудааст, аст.

Аз ҷумлаи самараҳои он поксозии нафс аз ахлоқи разила (бухл) ва баровардани ҳоҷати Ислом ва мусалмонон аст.

4- Рӯзаи моҳи Рамазон: Ибодати Аллоҳ Таъоло бо худдорӣ аз шиканандаҳои рӯза дар рӯзи Рамазон аст.

Яке аз натиҷаҳои он, тарбият додани нафс ба тарки чизҳои маҳбуб, барои ба даст овардани ризоияти Аллоҳ Азза ва Ҷалла аст.

5- Ва аммо ҳаҷ: ин ибодати Аллоҳ Таъоло бо қасди Байтулҳаром барои адои маносики ҳаҷ аст.

Ва аз самараҳои он, тарбияи нафс ба сарфи талоши молӣ ва баданӣ дар тоати Аллоҳ Таъоло аст. Аз ин сабаб ҳаҷ навъе аз ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ Таъоло мебошад.

Ин самараҳое, ки барои ин асосҳо зикр кардем ва он чиро, ки зикр накардем, умматро уммати исломии поку покиза мегардонанд, ки Худоро бо дини ҳақ ибодат мекунад ва бо халқ бо адолату садоқат муомила менамояд. Зеро дигар муқаррароти Ислом бо дуруст будани ин пояҳо сомон мeёбанд. Ва аҳволи уммат низ боислоҳи умури динаш ислоҳ мешавад ва ба ҳамон андозае, ки аз умури динаш костагӣ шавад, ба ҳамон андоза салоҳи аҳвол ва сомони рӯзгораш коста хоҳад шуд.

Ва ҳар ки равшании онро бихоҳад, пас ин оятро бихонад:

﴿وَلَوۡ أَنَّ أَهۡلَ ٱلۡقُرَىٰٓ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوۡاْ لَفَتَحۡنَا عَلَيۡهِم بَرَكَٰتٖ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ وَلَٰكِن كَذَّبُواْ فَأَخَذۡنَٰهُم بِمَا كَانُواْ يَكۡسِبُونَ 96 أَفَأَمِنَ أَهۡلُ ٱلۡقُرَىٰٓ أَن يَأۡتِيَهُم بَأۡسُنَا بَيَٰتٗا

وَهُمۡ نَآئِمُونَ 97 أَوَأَمِنَ أَهۡلُ ٱلۡقُرَىٰٓ أَن يَأۡتِيَهُم بَأۡسُنَا ضُحٗى وَهُمۡ يَلۡعَبُونَ 98
أَفَأَمِنُواْ مَكۡرَ ٱللَّهِۚ فَلَا يَأۡمَنُ مَكۡرَ ٱللَّهِ إِلَّا ٱلۡقَوۡمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ 99﴾

(Ва агар аҳли он шаҳрҳо имон меоварданд ва парво мекарданд, [дарҳои] баракати осмон ва заминро бар онон мекушодем, вале [оёту паёмҳои Моро] дурӯғ ангоштаанд, пас, ба [кайфари] ончи мекарданд, ононро [ба азоб] фаро гирифтем.

Оё сокинони [ин] шаҳрҳо дар амонанд аз инки азоби Мо [ногаҳон] шабҳангом, ки хуфтаанд ба суроғашон биояд?

Ва оё сокинони [ин] шаҳрҳо дар амонанд аз ин ки азоби Мо нимрӯзӣ, ки ба бозӣ [ва умури беҳуда] саргарманд, ба суроғашон биояд?

Оё худро аз макр [-у тадбир]-и Аллоҳ Таъоло эмин донистаанд? [Ҳол он ки] Ҷуз мардуми зиёнкор [касе] худро аз макри Аллоҳ Таъоло дар амон намедонад). (Сураи Аъроф, оятҳои 96-99).

Ва бояд шахс ба таърихи пешиниён бингарад, зеро таърих барои хирадмандон ибрат аст ва барои оне, ки пардае пеши дилашро нагирифтааст, басират аст. Ва мадад аз Аллоҳ аст.

## Пояҳои ақидаи исломӣ

Дини ислом – чунон ки пештар баён намудем – иборат аз ақида ва шариат аст ва мо ба баъзе аз аҳком ва муқарраротн он ишора карда,

аркони онро, ки асоси ин шариатҳо ба шумор мераванд, зикр намудем.

Аммо пояҳои аслии ақидаи исломӣ иборатанд аз: имон ба Аллоҳ ва фариштагони Ӯ ва китобҳои Ӯ ва паёмбарони Ӯ ва рӯзи охират ва тақдири нек ва бад.

Китоби Аллоҳ Таъоло ва суннати Паёмбараш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар ин усулҳо далолат кардаанд.

Аллоҳ Таъоло дар Китоби Худ мефармояд:

﴿لَّيۡسَ ٱلۡبِرَّ أَن تُوَلُّواْ وُجُوهَكُمۡ قِبَلَ ٱلۡمَشۡرِقِ وَٱلۡمَغۡرِبِ وَلَٰكِنَّ ٱلۡبِرَّ مَنۡ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلۡكِتَٰبِ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ...﴾

(Некӣ [фақат] ин нест, ки [барои намоз] рӯйи худро ба сӯйи машриқ ва [ё] мағриб кунед, балки некӣ [рафтори] он касе аст, ки ба Аллоҳ Таъоло ва рӯзи қиёмат ва фариштагону китоби [осмонӣ] ва паёмбарон имон оварда бошад...) (Сураи Бақара, ояти 177). Худованд дар бораи қадар (тақдир) чунин мегӯяд:

﴿إِنَّا كُلَّ شَيۡءٍ خَلَقۡنَٰهُ بِقَدَرٖ 49 وَمَآ أَمۡرُنَآ إِلَّا وَٰحِدَةٞ كَلَمۡحِۭ بِٱلۡبَصَرِ 50﴾

(Бе тардид, Мо ҳар чизеро ба андоза офаридаем.

Ва [чун чизеро ирода намоем] фармони Мо фақат як [калима] аст; ба суръати як чашм бар ҳам задан [камтар анҷом мепазирад]). (Сураи Қамар, оятҳои 49-50).

Ва дар суннати Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи

ва саллам) дар посух ба Ҷабраил (алайҳи-с-салом), вақте аз имон пурсид, мефармоянд:

«الْإِيمَانُ: أَنْ تُؤْمِنَ بِاللَّهِ، وَمَلَائِكَتِهِ، وَكُتُبِهِ، وَرُسُلِهِ، وَالْيَوْمِ الْآخِرِ، وَتُؤْمِنَ بِالْقَدَرِ: خَيْرِهِ وَشَرِّهِ»[3].

"Имон ин аст, ки имон биёварӣ ба Аллоҳ ва фариштагони Ӯ ва китобҳои Ӯ ва паёмбарони Ӯ ва рӯзи охират ва имон биёварӣ ба тақдири неку бади он". (3)[1]

## Имон ба Аллоҳ Таъоло

Аммо имон ба Аллоҳ чаҳор чизро дар бар мегирад:

Амри аввал: имон ба вуҷуди Аллоҳ Таъоло:

Бар вуҷуди Аллоҳи Таъоло фитрат, ақли солим, шаръ ва ҳис далолат мекунанд.

Аммо далолати фитрат бар вуҷуди Ӯ Таъоло ин аст, ки ҳар махлуқ бар имон ба Офаридгораш бидуни тафаккури пешакӣ ва ё таълим офарида шудааст. Ва аз тақозои ин фитрат касе рӯй намегардонад, магар оне, ки бар қалбаш чизе ориз шавад, ки ӯро аз он мунҳариф созад. Ба далели ин сухани Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), ки мефармояд:

«مَا مِنْ مَوْلُودٍ إِلَّا يُولَدُ عَلَى الْفِطْرَةِ، فَأَبَوَاهُ يُهَوِّدَانِهِ أَوْ يُنَصِّرَانِهِ أَوْ يُمَجِّسَانِهِ».

---

1 Ривояти Муслим, китоби «Имон», рақами (8), Абудовуд, китоби «Суннат», боби «Қадар», рақами (4695).

«Ҳар навзод бар фитрат (-и Ислом) ба дунё меояд, пас падару модараш ӯро яҳудӣ, насронӣ ё маҷусӣ мегардонанд»[1].

2- Аммо далели ақлӣ бар вуҷуди Аллоҳ Таъоло ин аст, ки ин махлуқот, чи гузашта ва чиояндаашон, ҳатман офаридгоре доранд, ки онҳоро ба вуҷуд овардааст, зеро маҳол аст, ки худашон худро ба вуҷуд оварда бошанд ва ё тасодуфан ба вуҷуд омада бошанд.

Имкон надорад, ки худ худашро ба вуҷуд оварад, зеро як чиз худашро намеофарад, чун он пеш аз вуҷудаш мавҷуд нест, пас чӣ гуна метавонад офаранда бошад?

Ва имкон надорад, ки тасодуфӣ ба вуҷуд омада бошад, зеро ҳар ҳодисе (офаридашудае) ниёз ба як муҳдисе (офаридгоре) дорад. Аз баски вуҷуди ин мавҷудот бо чунин низоми зебо, ҳамоҳангии аҷиб ва робитаи ногусастани байни сабабҳову мусаббибҳо ва миёни худи мавҷудот бо якдигар тарҳрезӣ шудааст, қатъиян имкон намедиҳад, ки вуҷудашон тасодуфӣ бошад. Чун чизе, ки тасодуфан ба вуҷуд омадааст, дар асли пайдоиши худ низоме

---

[1] Ривояти Бухорӣ, Китоби ҷаноиз, боби «Ҳар гоҳ кӯдак мусалмон шавад ва бимирад, оё бар ӯ намози ҷаноза хонда мешавад ва оё Ислом ба кӯдак пешниҳод мешавад», рақами (1292), Муслим, Китоби қадар, боби «Маънои ҳар навзоде, ки бар фитрат зода мешавад ва ҳукми марги фарзандони куффор ва фарзандони мусалмонон», рақами (2658).

надорад, пас чӣ гуна метавонад дар ҷараёни бақо ва такомули худ муназзам бошад?

Вақте ки имкон надорад ин махлуқот худ ба худ ва ё тасодуфӣ ба вуҷуд омада бошанд, лозим меояд, ки эҷодкунанда дошта бошанд ва Ӯ Аллоҳ аст, Парвардигори оламиён.

Ва Аллоҳ Таъоло ин далели ақлӣ ва бурҳони қатъиро дар сураи «Тур» зикр кардааст, ки мефармояд:

﴿أَمۡ خُلِقُواْ مِنۡ غَيۡرِ شَيۡءٍ أَمۡ هُمُ ٱلۡخَٰلِقُونَ 35﴾

(Оё онон аз ҳеҷ офарида шудаанд ё худ офаринандаи хешанд?) (Сураи Тур, ояти 35). Яъне, онҳо бе ҳеҷ офаридагоре халқ карда нашудаанд ва на худашон худро офаридаанд; пас муъайян шуд, ки офаридгорашон Аллоҳ Таборак ва Таъоло аст. Бинобар ин, вақте Ҷубайр ибни Мутъим (разияллоҳу анҳу) аз Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунид, ки сураи «Тур»-ро қироат мекарданд ва ба ин оятҳо расиданд:

﴿أَمۡ خُلِقُواْ مِنۡ غَيۡرِ شَيۡءٍ أَمۡ هُمُ ٱلۡخَٰلِقُونَ 35 أَمۡ خَلَقُواْ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۚ بَل لَّا يُوقِنُونَ 36 أَمۡ عِندَهُمۡ خَزَآئِنُ رَبِّكَ أَمۡ هُمُ ٱلۡمُصَيۡطِرُونَ 37﴾

(Оё онон аз ҳеҷ офарида шудаанд ё худ офаринандаи хешанд?

Оё онон осмонҳо ва заминро офаридаанд? [На] Балки онон яқин надоранд [ки Аллоҳ Таъоло офаринандаи мутлақ аст].

Оё ганҷинаҳои [неъмат ва ҳидояти] Парвардигорат назди эшон аст? Оё [бар ҳама чиз] тасаллут доранд?) (Сураи Тур, оятҳои 35-37).

Ва Ҷубайр он рӯз мушрик буд, гуфт: "Қариб буд, ки қалбам парвоз кунад ва ин сароғози ҷой гирифтани имон дар қалбам буд"[1].

Ва биёед барои тавзеҳи ин матлаб мисоле биёварем: агар шахсе ба шумо аз қасри боҳашамате сухан гӯяд, ки атрофи онро боғҳо иҳота карда, аз миёни онҳо рӯдҳо ҷорӣ шудаанд ва дохилаш бо фаршу тахтҳо пур буда, бо анвои зебу зинатҳои аслӣ ва такмилдиҳандаи он оро ёфта бошад; Ва агар ба ту гӯяд, ки ин қаср ва он ҳама камолоте, ки дар он аст, худ ба худ ба вуҷуд омадааст, ё тасодуфан ва бидуни офаринандае пайдо шудааст, ту фавран ба инкори он ва дурӯғ шумурданаш мешитофтӣ ва гуфторашро сухани сафеҳона меҳисобидӣ. Пас, оё ҷоиз аст, ки ин коиноти паҳновар, бо замину осмонаш, афлоку аҳволаш ва низоми беназиру ҳайратангезаш, худро офарида бошад, ё тасодуфан ва бидуни ҳеҷ офаринандае ба вуҷуд омада бошад?

3- Аммо далолати шаръ бар вуҷуди Аллоҳ Таъоло: ва чун ҳамаи китобҳои осмонӣ аз он хабар медиҳанд ва аҳкоми одилонае, ки барои маслиҳати халқ овардааст, далели он аст, ки он

[1] Ривояти Бухорӣ, сураи "Ват-Тур", рақами (4854).

аз ҷониби Парвардигори Ҳакиму Олим аст, ки ба маслиҳатҳои офаридагонаш огоҳ мебошад. Он хабарҳои марбут ба олам, ки воқеият ба дурустии онҳо гувоҳӣ додааст, далелест бар он ки онҳо аз ҷониби Парвардигореанд, ки ба офаридани он чизе, ки аз он хабар додааст, тавоно мебошад.

4 - Аммо далелҳои ҳиссӣ бар вуҷуди Аллоҳ бар ду навъанд:

Якум: ин ки мо иҷобати дуои дуогӯён ва имдоди андӯҳгинонро мешунавем ва мушоҳида мекунем, ки ба таври қатъӣ бар вуҷуди Ӯ Таъоло далолат мекунад. Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿وَنُوحًا إِذْ نَادَىٰ مِن قَبْلُ فَٱسْتَجَبْنَا لَهُۥ...﴾

(Ва Нуҳро [ёд кун] ҳангоме ки пештар [аз соири паёмбарон моро] нидо дод. Пас, Мо [низ дуои] вайро иҷобат кардем...) (Сураи Анбиё, ояти 76). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِذْ تَسْتَغِيثُونَ رَبَّكُمْ فَٱسْتَجَابَ لَكُمْ...﴾

([Рӯзи Бадрро ба ёд оваред] Он гоҳ ки аз Парвардигоратон фарёдрасӣ [ва ёрӣ] мехостед ва Ӯ [дархости] шуморо пазируфт...) (Сураи Анфол, ояти 9).

Ва дар "Саҳеҳ"-и Бухорӣ, аз Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт:

«إنَّ أعرابيًّا دَخَلَ يَوْمَ الجُمُعَةِ -والنَّبِيُّ صلَّى اللَّهُ عليهِ وسلَّمَ يَخْطُبُ- فقالَ: يا رسُولَ اللَّهِ، هَلَكَ المَالُ، وجَاعَ العِيَالُ، فَادْعُ اللَّهَ لنَا؛ فَرَفَعَ يَدَيْهِ ودَعَا، فَثَارَ السَّحَابُ أمْثَالَ الجِبَالِ، فَلَمْ يَنْزِلْ عَنْ مِنْبَرِهِ حتَّى رَأَيْتُ المَطَرَ يَتَحَادَرُ عَنْ لِحْيَتِهِ».

«Марди аъробие рӯзи ҷумъа, дар ҳоле ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хутба мехонданд, даромад ва гуфт: Эй Расули Худо, молу сарват талаф шуд ва аҳлу аёл гурусна монданд, пас, ба даргоҳи Худо барои мо дуо кун. Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дастонашонро бардошта, дуо карданд. Пас, абрҳо монанди кӯҳҳо пайдо шуданд ва ҳанӯз аз минбарашон поин нашуда буд, дидам, ки борон аз ришашон ҷорӣ буд».[1]

Ва дар ҷумъаи дуввум ҳамон марди аъробӣ ё каси дигаре бархоста, гуфт: Эй Расулаллоҳ, биноҳо хароб шуда, молу сарват ғарқ гардид, ба даргоҳи Худо барои мо дуо кунед. Пас, Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дастонашонро бардошта, фармуданд:

«اللَّهُمَّ حَوَالَيْنَا وَلَا عَلَيْنَا»

"Парвардигоро, дар атрофи мо, на бар мо." Пас, ба ҷонибе ишора намекард, магар ин ки кушода мешуд (абрҳо ба дигар тараф мерафтанд ва ҳаво боз мешуд) (7).[2]

---

[1] Ривояти Бухорӣ, Китоби ҷумъа, боби истисқо дар хутбаи рӯзи ҷумъа, рақами (891).

[2] Ривояти Бухорӣ: китоби "ҷумъа", боби "истисқо дар хутбаи рӯзи ҷумъа", рақами (891), Муслим: Китоби "Намози истисқо", боби "Дуо дар намози истисқо", рақами (897).

Ва иҷобати дуои дуокунандагон то имрӯз ҳамчунон як амри мушоҳидашуда аст, барои касе, ки ба сӯи Аллоҳ Таъоло содиқона руҷуъ мекунад ва шартҳои иҷобатро ба ҷо меорад.

Навъи дуюм: оят ва нишонаҳои паёмбарон, ки муъҷиза номида мешаванд ва мардум онҳоро мушоҳида мекунанд ё дар бораашон мешунаванд, бурҳони қотеъ бар вуҷуди фиристандаи онҳо, яъне Аллоҳ Таъоло мебошад. Зеро инҳо корҳое ҳастанд, ки аз доираи қудрати башар берун буда, Худованд онҳоро барои таъйиди паёмбаронаш ва нусрати онҳо анҷом медиҳад.

Мисоли он: муъҷизаи Мӯсо (алайҳис-салом). Аллоҳ Таъоло ӯро амр кард, ки асояшро ба баҳр бизанад. Пас, ӯ онро зад ва баҳр ба дувоздаҳ роҳи хушк шикофта шуд ва об дар миёни онҳо монанди кӯҳҳо буд. Аллоҳ Таъоло дар ин маврид мефармояд:

﴿فَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنِ ٱضۡرِب بِّعَصَاكَ ٱلۡبَحۡرَۖ فَٱنفَلَقَ فَكَانَ كُلُّ فِرۡقٖ كَٱلطَّوۡدِ ٱلۡعَظِيمِ 63﴾

(Пас, ба Мӯсо ваҳй кардем: «Асоятро ба дарё бизан», пас, [Нил] шикофта шуд ва ҳар бахше [аз он] ҳамчун кӯҳе бузург гашт). (Сураи Шуаро, ояти 63).

Ва мисоли дуюм: мӯъҷизаи Исо (алайҳис-салом), ки ӯ бо изни Аллоҳ мурдагонро зинда

месохт ва онҳоро аз қабрҳояшон берун меоварد. Аллоҳ Таъоло дар бораи ӯ фармудааст:

﴿...وَأُحۡيِ ٱلۡمَوۡتَىٰ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۖ...﴾

(...ва мурдагонро зинда мекунам ба фармони Аллоҳ Таъоло...) (Сураи Оли Имрон, ояти 49). Ва гуфт:

﴿...وَإِذۡ تُخۡرِجُ ٱلۡمَوۡتَىٰ بِإِذۡنِيۖ...﴾

([ва он гоҳ ки мурдагонро ба фармони Ман [зинда аз қабр] берун меовардӣ]). (Сураи Моида, ояти 110).

Ва мисоли сеюм: замоне ки Қурайш аз Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) муъҷизае талаб кард, он ҳазрат ба сӯи моҳ ишора намуданд, пас моҳ ду пора шуд ва мардум онро диданд. Дар ин бора Худованди Таъоло мефармояд:

﴿ٱقۡتَرَبَتِ ٱلسَّاعَةُ وَٱنشَقَّ ٱلۡقَمَرُ 1 وَإِن يَرَوۡاْ ءَايَةٗ يُعۡرِضُواْ وَيَقُولُواْ سِحۡرٞ مُّسۡتَمِرّٞ 2﴾

(Қиёмат наздик шуд ва моҳ [аз ҳам] шикофт 1. Ва агар онҳо нишонае бубинанд, рӯй мегардонанд ва мегӯянд: «Сеҳри доимӣ аст» 2). (Сураи Қамар, оятҳои 1-2).

Пас ин нишонаҳои махсусе, ки Худованд барои дастгирӣ ва пирӯзии паёмбаронаш анҷом медиҳад, ба вуҷуди Ӯ Таъоло далолати қатъӣ мекунад.

Амри дуввум, ки имон ба Аллоҳ онро дар бар мегирад, имон ба рубубияти Ӯст; яъне, ба ин ки

танҳо Ӯ Парвардигор аст ва ҳеҷ шарику ёваре надорад.

Ва Ар-Рабб (Парвардигор) касест, ки офариниш, мулк ва амр аз они Ӯст, пас ҳеҷ офаринандае ҷуз Аллоҳ нест ва ҳеҷ моликe ҷуз Ӯ нест ва ҳеҷ амре ҷуз аз они Ӯ нест. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُۗ...﴾

(Огоҳ бошед! Офариниш ва фармонравоӣ аз они Ӯст). (Сураи Аъроф, ояти 54). Худованд мефармояд:

﴿...ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمۡ لَهُ ٱلۡمُلۡكُۚ وَٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ مَا يَمۡلِكُونَ مِن قِطۡمِيرٍ﴾

(Ин аст Аллоҳ Таъоло–Парвардигори шумо; фармонравоӣ аз они Ӯст ва касонеро, ки ба ҷойи Ӯ мехонед, [дар баробараш чунон фақиранд, ки ҳатто] пусти ҳастаи хурмоеро доро нестанд). (Сураи Фотир, ояти 13).

Ва маълум нест, ки ягон махлуқ рубубияти Худоро инкор карда бошад, магар ин ки инкори ӯ аз рӯи такаббур ва ҷанҷол бошад, на аз рӯи эътиқод, чуноне ки аз Фиръавн содир шуд, вақте ки ба қавми худ гуфт:

﴿فَقَالَ أَنَا۠ رَبُّكُمُ ٱلۡأَعۡلَىٰ 24﴾

(Ва гуфт: «Ман Парвардигори бартари шумо ҳастам»). (Сураи Нозиъот, ояти 24). Инчунин мефармояд:

﴿...يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡمَلَأُ مَا عَلِمۡتُ لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرِي...﴾

(Эй бузургон, маъбуде ба ҷуз Худ бароятон намешиносам). (Сураи Қасас, ояти 38). Аммо ин аз рӯйи эътиқод ва боварӣ набуд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَجَحَدُواْ بِهَا وَٱسۡتَيۡقَنَتۡهَآ أَنفُسُهُمۡ ظُلۡمٗا وَعُلُوّٗاۚ...﴾

(Ва онҳоро аз рӯи ситаму саркашӣ инкор карданд, дар ҳоле ки дилҳояшон ба онҳо яқин доштанд...) (Сураи Намл, ояти 14). Ва Мӯсо ба Фиръавн гуфт, чунон ки Аллоҳ Таъоло дар бораи ӯ ҳикоят мекунад:

﴿...لَقَدۡ عَلِمۡتَ مَآ أَنزَلَ هَٰٓؤُلَآءِ إِلَّا رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ بَصَآئِرَ وَإِنِّي لَأَظُنُّكَ
يَٰفِرۡعَوۡنُ مَثۡبُورٗا﴾

(«Ту, ҳатман, медонӣ, ки инҳо [муъҷизот]-ро [касе] ҷуз Парвардигори осмонҳо ва замин нафиристодааст. [Ин муъҷизот] Далоили равшан [дар бораи қудрату ягонагии Аллоҳ Таъоло ва ростгӯии паёмбараш ҳастанд]; ва, эй Фиръавн, ба ростӣ, ки туро ҳалокшуда [ва зиёндида] мепиндорам»). (Сураи Исро, ояти 102). Аз ин рӯ, мушрикон ба рубубияти Аллоҳ Таъоло иқрор мекарданд, вале бо вуҷуди ин дар улуҳият ба Ӯ ширк варзиданд, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُل لِّمَنِ ٱلۡأَرۡضُ وَمَن فِيهَآ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ 84 سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ
85 قُلۡ مَن رَّبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ ٱلسَّبۡعِ وَرَبُّ ٱلۡعَرۡشِ ٱلۡعَظِيمِ 86 سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ أَفَلَا
تَتَّقُونَ 87 قُلۡ مَنۢ بِيَدِهِۦ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيۡءٖ وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيۡهِ إِن كُنتُمۡ
تَعۡلَمُونَ 88 سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ فَأَنَّىٰ تُسۡحَرُونَ 89﴾

([Эй Паёмбар, ба мункирони меод] бигӯ: «Агар медонед, [бигӯед], замин ва ҳар ки дар он аст, аз они кист?» 84 Мегӯянд: «Аз они Худост». Бигӯ: «Оё панд намегиред?» 85 Бигӯ: «Парвардигори ҳафт осмон ва Парвардигори Арши бузург кист?» 86 Мегӯянд: «Аз они Худост». Бигӯ: «Оё парҳезгорӣ намекунед?» 87 Бигӯ: «Кист, ки мулки ҳар чизе ба дасти Ӯст ва Ӯ паноҳ медиҳад ва бар Ӯ паноҳ дода намешавад, агар медонед?» 88 Мегӯянд: «Аз они Худост». Бигӯ: «Пас чаро ҷоду мешавед?» 89) (Сураи Муъминун, оятҳои 84-89).

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ خَلَقَهُنَّ ٱلْعَزِيزُ ٱلْعَلِيمُ 9﴾

([Эй Паёмбар] Агар аз мушрикон бипурсӣ: «Осмонҳо ва заминро чи касе офардиааст?» Ҳатман, мегӯянд: «[Аллоҳи] Шикастнопазири доно»). (Сураи Зухруф, ояти 9).

Аллоҳ Субҳонаҳу мефармояд:

﴿وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَهُمْ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ ۖ فَأَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ 87﴾

(Агар аз мушрикон бипурсӣ, чи касе ононро офаридааст, мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ Таъоло». Пас, чи гуна [аз ҳақ] бар мегарданд?) (Сураи Зухруф, ояти 87).

Ва амри Аллоҳи Субҳон шомили амри кавнӣ ва шаръӣ аст. Пас ҳамон гуна ки Ӯ Тадбиркунандаи коинот аст ва дар он бар муқтазои ҳикматаш ҳар чиро, ки бихоҳад, ҳукм

мекунад, ҳамчунин Ӯ ҳоким аст, ки дар он ибодот ва аҳкоми муомилотро бар муқтазои ҳикматаш ташреъ менамояд. Пас ҳар касе ҳамроҳ бо Аллоҳ Таъоло дар ибодатҳо қонунгузореро ё дар муомилот ҳокимеро қарор диҳад, қатъан ба Ӯ ширк овардааст ва имон ба даст наовардааст.

Амри сеюм: он чи шомили имон ба Аллоҳ мегардад, ин имон ба улуҳияти Ӯст. Яъне, бовар доштан ба ин ки танҳо Ӯ Худои барҳақ аст ва шарике надорад. Ва (Илоҳ) ба маънои (Маълуҳ) аст, яъне (Маъбуд), ки аз рӯи муҳаббат ва таъзим парастиш карда мешавад.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَإِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلرَّحۡمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ 163﴾

([Эй мардум] маъбуди шумо маъбуди ягона аст [ки] ба ҷуз Ӯ [ҳеҷ] маъбуде [ба ҳақ] нест; бахшандаву меҳрубон аст). (Сураи Бақара, ояти 163). Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿شَهِدَ ٱللَّهُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَأُوْلُواْ ٱلۡعِلۡمِ قَآئِمَۢا بِٱلۡقِسۡطِۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ 18﴾

(Аллоҳ Таъоло, ки [дар ҷаҳони ҳастӣ] барподорандаи адл аст, гувоҳӣ додааст, ки маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест ва фариштагону уламо [низ бар ягонагӣ ва адолати илоҳӣ гувоҳӣ медиҳанд]. Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, [ки] шикастнопазиру ҳаким аст). (Сураи Оли Имрон, ояти 18). Ва ҳар кас маъбуде ҳамроҳ бо Аллоҳ

Таъоло қарор диҳад ва ҳамроҳи Ӯ ибодаташ кунад, улуҳияти он маъбуд ботил аст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ هُوَ ٱلۡبَٰطِلُ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡكَبِيرُ 62﴾

(Ин бад-он сабаб аст, ки Аллоҳ Таъоло ҳақ аст ва он чиро, ки [мушрикон] ҷуз ӯ мехонанд, [ҳама] ботил аст ва Аллоҳ Таъоло баландмартабаи бузург аст). (Сураи Ҳаҷ, ояти 62). Ва "илоҳ" номидани онҳо ба онҳо ҳаққи улуҳиятро намедиҳад. Аллоҳ Таъоло дар бораи (Лот, Уззо ва Манот) фармудааст:

﴿إِنۡ هِيَ إِلَّآ أَسۡمَآءٞ سَمَّيۡتُمُوهَآ أَنتُمۡ وَءَابَآؤُكُم مَّآ أَنزَلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلۡطَٰنٍۚ...﴾

(Ин бутҳо фақат исмҳое [бемаъно] ҳастанд, ки худ ва падаронатон бо онҳо [маъбудҳои дурӯғини худро] ном ниҳодаед ва Аллоҳ Таъоло ҳеҷ далеле [бар ҳаққонияти ин кор] нозил накардааст). (Сураи Наҷм, ояти 23).

Ва Худованд дар бораи Ҳуд (алайҳис-салом) фармуд, ки ба қавми худ гуфт:

﴿...أَتُجَٰدِلُونَنِي فِيٓ أَسۡمَآءٖ سَمَّيۡتُمُوهَآ أَنتُمۡ وَءَابَآؤُكُم مَّا نَزَّلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلۡطَٰنٖۚ...﴾

(Оё дар бораи исмҳое, ки худи шумо ва падаронатон онҳоро [маъбуд] ном ниҳодаед ва Аллоҳ Таъоло ҳеҷ далеле бар [ҳаққонияти] он нозил накардааст, бо ман муҷодала мекунед?) (Сураи Аъроф, ояти 71).

Инчунин Аллоҳ аз Юсуф (алайҳис-салом) ҳикоят мекунад, ки ба ду рафиқи зиндониаш гуфт:

﴿يَٰصَٰحِبَيِ ٱلسِّجۡنِ ءَأَرۡبَابٞ مُّتَفَرِّقُونَ خَيۡرٌ أَمِ ٱللَّهُ ٱلۡوَٰحِدُ ٱلۡقَهَّارُ مَا تَعۡبُدُونَ مِن دُونِهِۦٓ إِلَّآ أَسۡمَآءٗ سَمَّيۡتُمُوهَآ أَنتُمۡ وَءَابَآؤُكُم مَّآ أَنزَلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلۡطَٰنٍۚ...﴾

(Эй дӯстони зиндонии ман, оё маъбудони пароканда [ва мутааддид] беҳтаранд, ё Аллоҳи ягонаи пирӯзманд? Шумо ба ҷуз Ӯ чизеро намепарастед, магар номҳое, ки шумо ва падарони шумо онҳоро номгузорӣ кардаед, ки Аллоҳ ҳеҷ далеле бар онҳо нафиристодааст...) (Сураи Юсуф, оятҳои 39-40).

Ва аз ин рӯ паёмбарон (алайҳимус-салом) ба қавми худ мегуфтанд:

﴿...ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرُهُۥٓ...﴾

(...Аллоҳ Таъолоро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуди [барҳақ] надоред...) (Сураи Аъроф, ояти 59). Аммо мушрикон инро рад карданд ва ба ҷои Аллоҳ маъбудоне ихтиёр карданд, ки онҳоро дар баробари Аллоҳ Таъоло ибодат мекарданд ва аз онҳо нусрат ва ёрӣ металабиданд.

Худованди Мутаъол ба худой гирифтани мушрикон ин худоёнро бо ду далели ақлӣ ботил гардонидааст:

Аввал: ин маъбудҳое, ки онҳоро ба парастиш гирифтаанд, ҳеҷ як аз вижагиҳои улуҳиятро надоранд. Онҳо махлуқанд, на офаранда, ба

парастишгарони худ манфиате намеоранд ва аз онҳо зарареро дафъ намекунанд, барои онҳо молики ҳаёту марг нестанд, молики чизе аз осмонҳо нестанд ва дар он шарикӣ надоранд.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ ءَالِهَةٗ لَّا يَخۡلُقُونَ شَيۡـٔٗا وَهُمۡ يُخۡلَقُونَ وَلَا يَمۡلِكُونَ لِأَنفُسِهِمۡ ضَرّٗا وَلَا نَفۡعٗا وَلَا يَمۡلِكُونَ مَوۡتٗا وَلَا حَيَوٰةٗ وَلَا نُشُورٗا 3﴾

(Ва [мушрикон] ба ҷойи Ӯ [Аллоҳ Таъоло] маъбудоне баргузидаанд, ки чизе намеофаринанд ва худ офарида мешаванд ва молики ҳеҷ зиёну суде барои худ нестанд ва [низ] молики маргу зиндагӣ ва [қодир ба] барангехтани [мурдагон] нестанд. (Сураи Фурқон, ояти 3).

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلِ ٱدۡعُواْ ٱلَّذِينَ زَعَمۡتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ لَا يَمۡلِكُونَ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا لَهُمۡ فِيهِمَا مِن شِرۡكٖ وَمَا لَهُۥ مِنۡهُم مِّن ظَهِيرٖ وَلَا تَنفَعُ ٱلشَّفَٰعَةُ عِندَهُۥٓ إِلَّا لِمَنۡ أَذِنَ لَهُۥ...﴾

([Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Касонеро, ки ба ҷойи Аллоҳ Таъоло [ёвар ва шафоатгари худ] мепиндоред, [ба фарёд] бихонед. Онон ҳатто ҳамсанги заррае дар осмонҳо ва замин молики чизе нестанд ва на дар [офариниш ва тадбири] он ду [замину осмон] ширкате доранд ва на Ӯ [ Аллоҳ Таъоло] аз ҷониби онон ҳеҷ пуштибоне дорад ва шафоат назди Ӯ [Аллоҳ Таъоло] фоида намекунад, магар барои касе, ки

ба ӯ иҷозат дода бошад...) (Сураи Сабаъ, оятҳои 22-23).

وقال تعالى: ﴿أَيُشۡرِكُونَ مَا لَا يَخۡلُقُ شَيۡـٔٗا وَهُمۡ يُخۡلَقُونَ 191 وَلَا يَسۡتَطِيعُونَ لَهُمۡ نَصۡرٗا وَلَآ أَنفُسَهُمۡ يَنصُرُونَ 192﴾

Худованд мефармояд: (Дар ояти дигар чунин омадааст: Оё чизҳоеро шарик мегиранд, ки чизе намеофаринанд ва худ офарида мешаванд? Ва наметавонанд онҳоро ёрӣ диҳанд ва на худи худро ёрӣ медиҳанд). (Сураи Аъроф, оятҳои 191-192).

Пас, вақте ҳоли он маъбудон чунин аст, онҳоро маъбуд қарор додан бузургтарин сафоҳат ва ботилтарин ботил аст.

Дувум: Мушрикон эътироф мекарданд, ки танҳо Аллоҳ Таъоло Парвардигор ва Холиқ аст, ки подшоҳии ҳар чиз дар дасти Ӯст ва Ӯ паноҳ медиҳад ва касе дар баробари Ӯ паноҳ дода намешавад. Пас, ин иқрор тақозо мекунад, ки Ӯро дар улуҳият низ ягона бидонанд, чунон ки Ӯро дар рубубият танҳо донистанд. Ҳамон гуна ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعۡبُدُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِي خَلَقَكُمۡ وَٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ 21 ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَرۡضَ فِرَٰشٗا وَٱلسَّمَآءَ بِنَآءٗ وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ فَأَخۡرَجَ بِهِۦ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ رِزۡقٗا لَّكُمۡۖ فَلَا تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادٗا وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ 22﴾

(Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед; он касе, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид. Бошад, ки парҳезгор шавед. Он касе, ки заминро барои шумо фарш ва осмонро бино

гардонид ва аз осмон об нозил кард ва бо он аз меваҳо барои шумо ризқ берун овард. Пас, барои Худо ҳамтоён қарор надиҳед, дар ҳоле ки шумо медонед). (Сураи Бақара, оятҳои 21-22).

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَئِن سَأَلۡتَهُم مَّنۡ خَلَقَهُمۡ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُۖ فَأَنَّىٰ يُؤۡفَكُونَ 87﴾

(Агар аз мушрикон бипурсӣ, чи касе ононро офаридааст, мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ Таъоло». Пас, чӣ гуна [аз ҳақ] бар мегарданд?) (Сураи Зухруф, ояти 87).

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أَمَّن يَمۡلِكُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَمَن يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَمَن يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۚ فَسَيَقُولُونَ ٱللَّهُۚ فَقُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ 31 فَذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمُ ٱلۡحَقُّۖ فَمَاذَا بَعۡدَ ٱلۡحَقِّ إِلَّا ٱلضَّلَٰلُۖ فَأَنَّىٰ تُصۡرَفُونَ 32﴾

([Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Кист, ки аз осмону замин ба шумо рӯзӣ мебахшад? Ё кист, ки бар гӯшҳо ва дидагон ҳоким аст? Ва кист, ки [мавҷуди] зиндаро аз [модаи] беҷон берун меоварад ва [модаи] беҷони мурдаро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад? Ва кист, ки кори [ҷаҳону ҷаҳониён]-ро тадбир мекунад»? Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ Таъоло». Пас, бигӯ: «Оё парво намекунед?» Пас, ин Аллоҳ, Парвардигори ҳақиқии шумост. Пас, баъд аз ҳақиқат чӣ чизе ҷуз гумроҳӣ аст? Пас, чӣ гуна рӯй гардонида мешавед?) (Сураи Юнус, оятҳои 31-32).

Амри чаҳорум аз муқтазои имон ба Аллоҳ, ин имон овардан ба номҳо ва сифатҳои Ӯст:

Яъне: Собит кардани асмо ва сифоте, ки Аллоҳ барои Худ дар китобаш ё дар суннати паёмбараш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит намудааст, ба сурати шоистаи Ӯ, бидуни таҳриф, таътил, кайфият қоил шудан ва тамсил кардан. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَاۖ وَذَرُواْ ٱلَّذِينَ يُلۡحِدُونَ فِيٓ أَسۡمَٰٓئِهِۦۚ سَيُجۡزَوۡنَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ 180﴾

(Ва зеботарин номҳо барои Аллоҳ Таъоло аст, пас, Ӯро ба он [номҳо] бихонед ва касонеро, ки дар [мавриди] номҳояш ба инҳироф мераванд [ва онҳоро таъвилу таҳриф мекунанд] раҳо кунед. Онон ба [сазои] align онччи мекарданд, муҷозот хоҳанд шуд). (Сураи Аъроф, ояти 180). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَلَهُ ٱلۡمَثَلُ ٱلۡأَعۡلَىٰ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

(...ва бартарин васф дар осмонҳо ва замин барои Ӯст ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст). (Сураи Рум, ояти 27). Аллоҳ Таъоло дар ояти дигаре мефармояд:

﴿...لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ﴾

(Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Аллоҳ Таъоло нест ва Ӯ шунаво ва биност). (Сураи Шуро, ояти 11).

Дар ин амр ду тоифа гумроҳ шуданд:

Яке аз онҳо (тоифаи якум): (Ал-Муъаттила) мебошанд, ки номҳо ва сифатҳо, ё баъзе аз

онҳоро инкор кардаанд, бо ин гумон, ки исботи онҳо барои Аллоҳ ташбеҳро, яъне монанд кардани Аллоҳ Таъоло ба махлуқоташро, лозим мегардонад. Ва ин гумон ба чанд далел ботил аст, аз ҷумла:

Якум: ин ки он лавозими ботилро лозим мегардонад; монанди таноқуз дар каломи Аллоҳ Таъоло, зеро Аллоҳ Таъоло барои Худ асмо ва сифотро исбот намуда ва нафй кардааст, ки чизе монанди Ӯ бошад. Агар исботи он ташбеҳро тақозо мекард, дар каломи Худованд таноқуз ба вуҷуд омада, баъзеи он баъзеи дигарро такзиб мекард.

Дуввум: аз муштарак будани ду чиз дар ном ё сифат, лозим намеояд, ки он ду монанди ҳам бошанд. Чунончи, шумо ду шахсро мебинед, ки ҳардуяшон дар инсон будан, шунаво, бино ва сухангӯ будан бо ҳам муштараканд, вале ин маънои онро надорад, ки дар мафҳумҳои инсонӣ, шунавоӣ, биноӣ ва калом ба ҳам монанд бошанд.

Ва ҳайвонҳоро мебинӣ, ки дастҳо, пойҳо ва чашмҳо доранд, вале аз ин умумият лозим намеояд, ки дастҳову пойҳо ва чашмҳояшон яксон бошанд.

Пас, агар дар байни махлуқот дар номҳо ва сифатҳои муштаракашон тафовут зоҳир гардад, пас, тафовути байни Офаридгор ва махлуқ ошкортар ва бузургтар аст.

Тоифаи дувум: (Мушаббиҳа) онҳоеанд, ки асмо ва сифотро ҳамроҳ бо ташбеҳи Аллоҳ Таъоло ба махлуқоташ исбот мекунанд ва гумон доранд, ки ин тақозои далолати нусус аст, зеро Аллоҳ Таъоло ба бандагон бо он чизе, ки мефаҳманд, хитоб мекунад. Ин гумон ботил аст; ба чанд далел, аз ҷумла:

Якум: монандии Аллоҳ Таъоло ба махлуқоти Ӯ амрест, ки ақл ва шаръ онро ботил медонад ва мумкин нест, ки муқтазои нассҳои Китобу Суннат амри ботил бошад.

Дуввум: Аллоҳ Таъоло бандагонро бо каломе хитоб кардааст, ки асли маънои онро мефаҳманд. Аммо ҳақиқат ва моҳияти он маъно, ки ба зот ва сифоти Ӯ марбут мешавад, аз ҷумлаи чизҳоест, ки илми онро Аллоҳ Таъоло ба худаш ихтисос додааст.

Пас, вақте Худованд барои Худ собит мекунад, ки Ӯ шунавост, пас, шунавоӣ аз лиҳози маънои аслияш маълум аст (ва он дарк кардани садоҳост). Аммо ҳақиқати он нисбат ба шунавоии Худованди Таъоло номаълум аст, зеро ҳақиқати шунавоӣ ҳатто дар байни махлуқот низ тафовут дорад, пас тафовути он байни Холиқ ва махлуқ равшантар ва бузургтар аст.

Вақте Худованди Мутаъол дар бораи Худаш хабар медиҳад, ки Ӯ бар Арши Худ қарор гирифтааст, пас "истиво" аз ҷиҳати маънои

аслиаш маълум аст, аммо ҳақиқати istiвое, ки Ӯ бар он аст, нисбат ба истивои Худованд бар Аршаш барои мо номаълум аст, зеро ҳақиқати истиво дар ҳаққи махлуқ фарқ мекунад. Пас, қарор гирифтан бар курсии устувор монанди қарор гирифтан бар зини шутури саркашу раманда нест. Агар ин ду ҳолат дар мавриди махлуқ гуногун бошанд, пас тафовути он байни Холиқу махлуқ ошкортар ва бузургтар аст.

Ва имон ба Аллоҳ Таъоло, чуноне ки баён кардем, барои муъминон самароти бузурге дорад, аз ҷумла:

Якум: муҳаққақ сохтани тавҳиди Аллоҳ Таъоло, ба тавре ки умеду хавф ба ғайри Ӯ вобаста набошад ва ғайри Ӯ ибодат карда нашавад.

Дуюм: камоли муҳаббат ва бузургдошти Аллоҳ Таъоло ба муқтазои номҳои некӯ ва сифатҳои волояш.

Севум: ба ҷо овардани ибодати Ӯ, яъне анҷом додани он чи фармудааст ва дурӣ ҷустан аз он чи наҳй кардааст.

*

## Имон ба фариштагон

Фариштагон, олами ғайбӣ, махлуқ ва бандагони Аллоҳ Таъоло ҳастанд, ки ҳеҷ яке аз хислатҳои рубубият ва улуҳиятро надоранд. Аллоҳ Таъоло онҳоро аз нур офарида, ба онҳо

итоати комил ба амри Худ ва қудрат бар иҷрои онро ато кардааст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَمَنْ عِندَهُۥ لَا يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِهِۦ وَلَا يَسْتَحْسِرُونَ يُسَبِّحُونَ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ لَا يَفْتُرُونَ﴾

(...онон, ки назди Ӯ ҳастанд [фариштагон] аз ибодаташ саркашӣ намекунанд ва хаста намешаванд, шабу рӯз тасбеҳ мегӯянд ва суст намешаванд). (Сураи Анбиё, оятҳои 19-20)

Ададшон зиёд аст ва касе ҷуз Худованд теъдодашонро намедонад. Ва дар "Саҳеҳайн" аз ҳадиси Анас (разияллоҳу анҳу) собит аст, ки дар қиссаи Меъроҷ, Байт-ул-Маъмур дар осмон ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишон дода шуд, ки дар он ҳар рӯз ҳафтод ҳазор фаришта намоз мегузоранд ва чун аз он хориҷ шаванд, дигар ҳаргиз ба он барнамегарданд.

Имон ба фариштагон чаҳор чизро дар бар мегирад:

Якум: Имон ба вуҷуди онон.

Дуввум: Имон ба касоне аз онон, ки номҳояшонро медонем (монанди Ҷабраил) ва дар бораи касоне, ки номҳояшонро намедонем, ба шакли иҷмолӣ ба онон имон меоварем.

Севум: Имон доштан ба он чи ки мо аз сифоти онон медонем, монанди сифати Ҷабраил. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят кардааст, ки ӯро бар он сифате дидааст, ки

Худованд ӯро халқ кардааст, чунон ки шашсад бол дошта ва уфуқро пӯшонида буд.

Ва гоҳо фаришта бо амри Худованди Таъоло ба сурати марде табдил меёбад, Чуноне ки барои Ҷабраил (алайҳис-салом) рӯй дод. Он гоҳ ки Худои Таъоло ӯро ба сӯйи Марям фиристод ва ӯ дар сурати инсони комил бар вай зоҳир шуд ва замоне ки назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад, дар ҳоле ки он ҳазрат ҳамроҳи саҳобагонаш нишаста буд, ӯ дар сифати марде бо либосҳои ниҳоят сафед ва мӯйи сараш ниҳоят сиёҳ омад, ки асаре аз сафар дар ӯ дида намешуд ва касе аз саҳобагон ӯро намешинохт. Пас, назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишаст ва зонуҳояшро ба зонуҳои он Ҳазрат такя дод ва кафи дастонашро болои ронҳояш гузошт ва аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи Ислом, имон, эҳсон, рӯзи қиёмат ва нишонаҳои он пурсид. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ посух доданд, пас, он мард бархосту рафт. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт:

«هَذَا جِبْرِيلُ؛ أَتَاكُمْ يُعَلِّمُكُمْ دِينَكُمْ».

«Ӯ Ҷабраил аст; омада буд, то ба шумо динатонро биомӯзонад».[1]

[1] Ривояти Муслим, китоби имон, боби "баёни имон, ислом, эҳсон ва вуҷуби имон ба исботи қадари Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло", рақами (8).

Ҳамчунин фариштагоне, ки Аллоҳ Таъоло ба сӯи Иброҳим ва Лут фиристод, дар сурати мардон буданд.

Чаҳорум: Имон овардан ба он амалҳои онҳо, ки онҳоро медонем ва ба амри Аллоҳ Таъоло анҷом медиҳанд; монанди тасбеҳ гуфтан ва ибодат кардани Ӯ шабу рӯз, бе хастагиву сустӣ.

Ва барои баъзеи онон амалҳои хос ҳаст.

Мисли Ҷабраил, ки амини Худованд бар ваҳйи Ӯст ва Худованд ӯро ба сӯи паёмбарону расулон мефиристад.

Ва мисоли он: Микоил муваккал бар қатра, яъне бар борон ва наботот аст.

Ва инчунин Исрофил, маъмур ба дамидан дар сур ҳангоми барпо шудани қиёмат ва зинда гардонидани халоиқ аст.

Ва боз мисли Малакулмавт, ки маъмур ба қабзи арвоҳи бандагон ҳангоми фаро расидани маргашон аст.

Ва мисли Молик, ки маъмур ба дӯзах ва нигаҳбони он аст.

Ва мисоли ин, фариштагоне, ки бар ҷанинҳо дар батнҳо (шиками модарҳо) гумошта шудаанд: вақте инсон дар батни модараш чаҳор моҳро пурра мекунад, Аллоҳ ба сӯйи ӯ фариштае мефиристад ва ӯро ба навиштани ризқаш, аҷалаш, амалаш ва ин ки бадбахт аст ё хушбахт, амр мефармояд.

Ва низ монанди фариштагоне, ки масъули ҳифзи аъмоли бани Одам ва китобати он ҳастанд; барои ҳар инсон ду фаришта аст, яке аз тарафи рост ва дигаре аз тарафи чап.

Боз монанди фариштагоне, ки барои пурсиши майит - ҳангоме ки дар қабраш гузошта мешавад - муваккал шудаанд; ду фаришта ба назди ӯ меоянд ва аз Парвардигораш, динаш ва паёмбараш мепурсанд.

Ва имон ба фариштагон самарҳои бузург мебахшад, аз ҷумла:

Якум: илм доштан ба бузургии Аллоҳ Таъоло, қудрати Ӯ ва салтанати Ӯ. Зеро азамати махлуқ ба азамати Офаридгор далолат мекунад.

Дуввум: шукргузории Аллоҳи Таъоло барои инояташ ба бани Одам; зеро аз миёни ин фариштагон касонеро барои ҳифзи онҳо, навиштани аъмолашон ва дигар масолеҳашон масъул гардонидааст.

Севум: муҳаббати фариштагон барои ибодаташон ба Аллоҳ Таъоло.

Ва қавме аз гумроҳон ҷисм будани фариштагонро инкор карда, гуфтанд, ки онҳо иборатанд аз қувваҳои хайри дар махлуқот нуҳуфта. Ва ин дурӯғ шуморидани Китоби Аллоҳ Таъоло, Суннати Расулаш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва иттифоқи мусалмонон аст.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ جَاعِلِ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ رُسُلًا أُوْلِيٓ أَجۡنِحَةٖ مَّثۡنَىٰ وَثُلَٰثَ وَرُبَٰعَۚ...﴾

(Сипос [ва ситоиш] аз они Аллоҳи офаринандаи осмонҳо ва замин аст; [Парвардигоре, ки] фариштагонро бо болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, фиристодагон [-и хеш ба сӯйи мардум] қарор дод...) (Сураи Фотир, ояти 1).

Аллоҳ Таъоло дар ояти дигар мефармояд:

﴿وَلَوۡ تَرَىٰٓ إِذۡ يَتَوَفَّى ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يَضۡرِبُونَ وُجُوهَهُمۡ وَأَدۡبَٰرَهُمۡ...﴾

(Ва агар медидӣ, он гоҳ ки фариштагон ҷони кофиронро меситонданд, бар сурату пушташон мезаданд...) (Сураи Анфол, ояти 50).

Боз дар ояти дигар омадааст:

﴿...وَلَوۡ تَرَىٰٓ إِذِ ٱلظَّٰلِمُونَ فِي غَمَرَٰتِ ٱلۡمَوۡتِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ بَاسِطُوٓاْ أَيۡدِيهِمۡ أَخۡرِجُوٓاْ أَنفُسَكُمُۖ...﴾

(...ва [эй паёмбар, саҳнаи ҳавлноке аст] агар ҳангомеро бубинӣ, ки [ин] ситамгорон дар [тарсу] сахтиҳои марг фурӯ рафтаанд ва фариштагон [-и қабзи рӯҳ] дастҳояшонро [ба сӯйи онон] кушудаанд [ва фарёд мезананд]: «Ҷонҳои хешро [аз бадан] берун диҳед...) (Сураи Анъом, ояти 93).

Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...حَتَّىٰٓ إِذَا فُزِّعَ عَن قُلُوبِهِمۡ قَالُواْ مَاذَا قَالَ رَبُّكُمۡۖ قَالُواْ ٱلۡحَقَّۖ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡكَبِيرُ﴾

([Дар он рӯз фариштагон аз хавф ва ҳайбати илоҳӣ тарсонанд] то онгоҳ, ки изтироб [ва ташвиш] аз дилҳояшон бартараф мегардад,

[гурӯҳе аз онон ба гурӯҳи дигар] мегӯянд: «Парвардигоратон чӣ гуфт?» [Онон дар посух] мегӯянд: «ҳақро [фармуд] ва Ӯ баланмартабаи бузург аст»). (Сураи Сабаъ, ояти 23).

Худованд дар бораи васфи аҳли ҷаннат мефармояд:

﴿...وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يَدۡخُلُونَ عَلَيۡهِم مِّن كُلِّ بَابٖ سَلَٰمٌ عَلَيۡكُم بِمَا صَبَرۡتُمۡۚ فَنِعۡمَ عُقۡبَى ٱلدَّارِ﴾

(... ва фариштагон аз ҳар даре бар онон дармеоянд [ва мегӯянд:] «Салом бар шумо ба хотири сабре, ки кардед. Пас, чӣ нек аст оқибати ин хона!») (Сураи Раъд оятҳои 23-24).

Ва дар "Саҳеҳ"-и Бухорӣ аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки фармуданд:

«إِذَا أَحَبَّ اللَّهُ الْعَبْدَ نَادَى جِبْرِيلَ: إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ فُلَانًا فَأَحْبِبْهُ، فَيُحِبُّهُ جِبْرِيلُ، فَيُنَادِي جِبْرِيلُ فِي أَهْلِ السَّمَاءِ: إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ فُلَانًا فَأَحِبُّوهُ، فَيُحِبُّهُ أَهْلُ السَّمَاءِ، ثُمَّ يُوضَعُ لَهُ الْقَبُولُ فِي الْأَرْضِ».

«Ҳаргоҳ Худованд бандаеро дӯст бидорад, ба Ҷабраил нидо мекунад: «Ҳамоно Худованд фалониро дӯст медорад, пас ӯро дӯст бидор». Пас, Ҷабраил ӯро дӯст медорад ва дар миёни аҳли осмон нидо мекунад: «Ҳамоно Худованд фалониро дӯст медорад, пас ӯро дӯст бидоред». Пас, аҳли осмон ӯро дӯст медоранд ва сипас барояш дар замин қабул (мақбулият) ниҳода мешавад».[1]

---

[1] Ривояти Бухорӣ: Китоби «Оғози офариниш», боби «Зикри фариштагон», рақами (3037), Муслим: Китоби «Некӯкорӣ, пайванди

Ва дар он ҳамчунин аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«إِذَا كَانَ يَوْمُ الْجُمُعَةِ كَانَ عَلَى كُلِّ بَابٍ مِنْ أَبْوَابِ الْمَسْجِدِ الْمَلَائِكَةُ يَكْتُبُونَ الْأَوَّلَ فَالْأَوَّلَ، فَإِذَا جَلَسَ الْإِمَامُ طَوَوْا الصُّحُفَ وَجَاءُوا يَسْتَمِعُونَ الذِّكْرَ».

«Рӯзи ҷумъа бар ҳар даре аз дарҳои масҷид фариштагон истода, омадагонро аввал ба аввал менависанд. Пас, вақте ки имом нишаст, саҳифаҳоро печонда, барои шунидани зикри Аллоҳ меоянд».[1]

Ин далелҳо сароҳатан баён мекунанд, ки фариштагон дорои ҷисм ҳастанд, на қувваҳои маънавӣ, чуноне ки гумроҳон гуфтаанд. Ва мусалмонон бар асоси ин далелҳо иҷмоъ намудаанд.

*

## Имон ба китобҳо

Китобҳо: ҷамъи (китоб) ба маънои (мактуб).

Мақсад аз онҳо дар ин ҷо, китобҳоест, ки Аллоҳ Таъоло бар паёмбаронаш ҳамчун раҳмате барои махлуқот ва ҳидояте барои онҳо нозил кардааст, то ба василаи онҳо ба саодати худ дар дунё ва охират бирасанд.

---

хешутаборӣ ва одоб», боби «Чун Худованд бандаеро дӯст дорад, ӯро маҳбуби бандагонаш мегардонад», рақами (2637).

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби "Ҷумъа", боби «Истимоъ ба хутба», рақами (887), Муслим, китоби "Ҷумъа", боби «Фазилати таҳҷир дар рӯзи ҷумъа», рақами (850).

Имон ба китобҳо чаҳор чизро дар бар мегирад:

Аввал: имон ба ин ки он дар ҳақиқат аз назди Аллоҳ Таъоло нозил шудааст.

Дуввум: имон ба китобҳое, ки Аллоҳ Таъоло аз онҳо ном бурдааст, монанди Қуръон, ки бар Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст ва Таврот, ки бар Мӯсо (алайҳис-салом) нозил шудааст. Инҷил, ки бар Исо (алайҳис-салом) нозил шудааст. Ва Забур, ки ба Довуд (алайҳис-салом) дода шудааст. Аммо он китобҳое, ки номҳои онҳоро намедонем, ба шакли куллӣ ва иҷмолӣ ба онҳо имон меоварем.

Севум: тасдиқи хабарҳои саҳеҳи он китобҳо, монанди хабарҳои Қуръон ва хабарҳои табдилу таҳрифнашудаи китобҳои пешин.

Чаҳорум: амал ба он аҳкоме, ки мансух нашудааст, бо розигӣ ва таслим нисбат ба онҳо, чи ҳикмати онҳоро бифаҳмем ё нафаҳмем ва тамоми китобҳои қаблӣ бо Қуръони Азим мансух шудаанд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمُهَيۡمِنًا عَلَيۡهِۖ...﴾

(Ва [эй паёмбар, мо ин] китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, [ки] тасдиққунандаи китобҳои пешин аст ва мавриди эътимод [-и китобҳои осмонӣ ба унвони меъёре барои ҳақ ва ботил] аст). (Сураи Моида, ояти 48). Яъне: Ҳоким бар ӯ.

Бинобар ин, бо ҳеҷ ҳукме аз аҳкоми китобҳои пешин амал кардан ҷоиз нест, магар он аҳкоме, ки дуруст будани он собит шуда бошад ва Қуръон онро таъйид карда бошад.

Ва имон ба китобҳо самараҳои бузурге дорад, аз ҷумла:

Якум: огоҳ будан аз инояти Аллоҳ Таъоло нисбат ба бандагонаш, зеро Ӯ барои ҳар қавм китобе нозил кардааст, то бо он ҳидояташон кунад.

Дуввум: огоҳӣ аз ҳикмати Аллоҳ Таъоло дар шариаташ, ки Ӯ барои ҳар қавм он чиро, ки ба аҳволашон муносиб аст, муқаррар кардааст. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...لِكُلّٖ جَعَلۡنَا مِنكُمۡ شِرۡعَةٗ وَمِنۡهَاجٗاۚ...﴾

([Эй мардум] Мо барои ҳар яке аз шумо оину роҳи равшан карор додем). (Сураи Моида, ояти 48).

Севум: шукри неъмати Аллоҳ Таъоло барои он.

*

## Имон ба паёмбарон

"Русул" ҷамъи "расул" буда, ба маънои "мурсал", яъне фиристодашуда барои расонидани чизе мебошад.

Ва мурод дар ин ҷо касе аз башар аст, ки бар ӯ шариат ваҳй шуда ва ба таблиғи он амр шуда бошад.

Аввалини паёмбарон Нӯҳ (алайҳис-салом) ва охиринашон Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّآ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ كَمَآ أَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ نُوحٖ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ مِنۢ بَعۡدِهِۦ...﴾

([Эй паёмбар] Бе тардид мо ба ту ваҳй фиристодем; ҳамон гуна, ки ба Нуҳу паёмбарони баъд аз ӯ ваҳй фиристодем...) (Сураи Нисо, ояти 163).

Ва дар "Саҳеҳ"-и Бухорӣ аз Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳу) дар ҳадиси Шафоат ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«ذُكِرَ أَنَّ النَّاسَ يَأْتُونَ إِلَى آدَمَ؛ لِيَشْفَعَ لَهُمْ، فَيَعْتَذِرُ إِلَيْهِمْ وَيَقُولُ: ائْتُوا نُوحًا أَوَّلَ رَسُولٍ بَعَثَهُ اللَّهُ» وذكر تمام الحديث.

"Зикр шудааст, ки мардум ба назди Одам (алайҳис-салом) меоянд, то барояшон шафоат кунад, пас ӯ узр меорад ва мегӯяд: «Назди Нӯҳ (алайҳис-салом), аввалин паёмбаре, ки Худованд фиристодааст, биравед». Ва идомаи ҳадисро зикр кард[1].

Ва Аллоҳ Таъоло дар бораи Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

﴿مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَآ أَحَدٖ مِّن رِّجَالِكُمۡ وَلَٰكِن رَّسُولَ ٱللَّهِ وَخَاتَمَ ٱلنَّبِيِّـۧنَۗ...﴾

[1] Ривояти Бухорӣ: Китоби тавҳид, боби "Қавли Аллоҳ Таъоло: ﴿لِمَا خَلَقْتُ بِيَدَيَّ﴾", рақами (7410), ва Муслим: Китоби имон, боби "Поинтарин мартабаи аҳли ҷаннат дар он", рақами (193).

(Муҳаммад ҳаргиз падари ҳеҷ яки аз мардони шумо нест; балки расули Аллоҳ Таъоло ва хотами паёмбарон аст...) (Сураи Аҳзоб).

Ва ҳеҷ уммате бе паёмбар набуд; Аллоҳ Таъоло ё паёмбареро бо шариати мустақил ба сӯи қавмаш мефиристод, ё набиеро, ки ба ӯ шариати паёмбари пешин ваҳй мешуд, то онро таҷдид намояд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَۖ...﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед»). (Сураи Наҳл, ояти 36).

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَإِن مِّنۡ أُمَّةٍ إِلَّا خَلَا فِيهَا نَذِيرٞ﴾

(...[дар наслҳои гузашта низ] ҳеҷ уммате набуд, магар он ки миёнашон бимдиҳандае гузашта аст). (Сураи Фотир, ояти 24).

Дар ояти дигар омадааст:

﴿إِنَّآ أَنزَلۡنَا ٱلتَّوۡرَىٰةَ فِيهَا هُدٗى وَنُورٞۚ يَحۡكُمُ بِهَا ٱلنَّبِيُّونَ ٱلَّذِينَ أَسۡلَمُواْ لِلَّذِينَ هَادُواْ...﴾

(Ба ростӣ, Мо Тавротро нозил кардем, ки дар он ҳидоят ва нур аст. Паёмбароне, ки [дар баробари фармони Аллоҳ Таъоло] таслим буданд, бар асоси [омӯзаҳои] он барои яҳудиён доварӣ мекарданд...) (Сураи Моида, ояти 44).

Расулон башар ва махлуқ ҳастанд ва ҳеҷ яке аз вижагиҳои рубубият ва улуҳиятро надоранд. Аллоҳ Таъоло дар бораи Паёмбараш Муҳаммад,

ки сарвари расулон ва соҳиби баландтарин мартаба дар назди Ӯст, чунин фармудааст:

﴿قُل لَّآ أَمۡلِكُ لِنَفۡسِي نَفۡعٗا وَلَا ضَرًّا إِلَّا مَا شَآءَ ٱللَّهُۚ وَلَوۡ كُنتُ أَعۡلَمُ ٱلۡغَيۡبَ لَٱسۡتَكۡثَرۡتُ مِنَ ٱلۡخَيۡرِ وَمَا مَسَّنِيَ ٱلسُّوٓءُۚ إِنۡ أَنَا۠ إِلَّا نَذِيرٞ وَبَشِيرٞ لِّقَوۡمٖ يُؤۡمِنُونَ 188﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ман молики суду зиёни хештан нестам, магар онҷиро, ки Аллоҳ Таъоло бихоҳад ва агар ғайбро медонистам, хайр [-у суди] бисёре [барои худ] фароҳам месохтам ва ҳеҷ бадӣ [ва зиёне] ба ман намерасид. Ман [касе] нестам, магар бимдиҳанда ва башоратбахш [-и дилсӯз] барои гурӯҳе, ки имон доранд). (Сураи Аъроф, ояти 188). .

Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ إِنِّي لَآ أَمۡلِكُ لَكُمۡ ضَرّٗا وَلَا رَشَدٗا 21 قُلۡ إِنِّي لَن يُجِيرَنِي مِنَ ٱللَّهِ أَحَدٞ وَلَنۡ أَجِدَ مِن دُونِهِۦ مُلۡتَحَدًا 22﴾

(Бигӯ: «Бе гумон, ман наметавонам ба шумо зиёне бирасонам ва на хайру суде». Бигӯ: «Бе гумон, ҳеҷ кас маро аз (азоби) Худо наҷот нахоҳад дод ва ман ғайри Ӯ паноҳгоҳе нахоҳам ёфт»). (Сураи Ҷин, оятҳои 21-22).

Ва онҳо низ дорои хусусиятҳои башарӣ мебошанд: аз қабили беморӣ, марг, ниёз ба таъому нӯшокӣ ва ғайра. Аллоҳ Таъоло дар бораи Иброҳим (алайҳис-салом), ки Парвардигорашро васф намудааст, чунин мефармояд:

﴿وَٱلَّذِي هُوَ يُطۡعِمُنِي وَيَسۡقِينِ 79 وَإِذَا مَرِضۡتُ فَهُوَ يَشۡفِينِ 80 وَٱلَّذِي يُمِيتُنِي ثُمَّ يُحۡيِينِ 81﴾

(Ва ҳамоне, ки ба ман ғизо медиҳад ва серобам месозад 79 Ва ҳангоме ки бемор мешавам, пас Ӯ шифо мебахшад 80 Ва ҳамоне, ки маро мемиронад, сипас зинда мегардонад 81). (Сураи Шуъаро, оятҳои 79-81).

Ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«إِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ، أَنْسَى كَمَا تَنْسَوْنَ، فَإِذَا نَسِيتُ فَذَكِّرُونِي».

«Ман фақат инсоне ҳастам монанди шумо; чуноне ки шумо фаромӯш мекунед, ман низ фаромӯш мекунам. Пас, агар фаромӯш кардам, маро ба ёд оваред»[1].

Ва Аллоҳ Таъоло онҳоро дар олитарин мақомҳояшон ва дар зимни ситоишашон, ба бандагии Худ васф намудааст. Сипас Аллоҳ Таъоло дар бораи Нӯҳ (алайҳис-салом) фармуд:

﴿...إِنَّهُۥ كَانَ عَبۡدٗا شَكُورٗا﴾

(...ба ростӣ ӯ бандае шукргузор буд). (Сураи Исро, ояти 3). Ва дар ҳаққи Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд:

﴿تَبَارَكَ ٱلَّذِي نَزَّلَ ٱلۡفُرۡقَانَ عَلَىٰ عَبۡدِهِۦ لِيَكُونَ لِلۡعَٰلَمِينَ نَذِيرًا 1﴾

(Пурбаракат [ва бузургвор] аст, касе, ки Қуръонро [ки ҷудокунандаи ҳақ ва ботил аст]

---

[1] Ривояти Бухорӣ: Абвоби қибла, боби "таваҷҷуҳ ба сӯи қибла ҳар куҷо, ки бошад", рақами (392), Муслим: Китоби масоҷид ва мавзеъҳои намоз, боби "саҳв дар намоз ва саҷдаи он", рақами (572).

бар бандааш нозил кард, то бимдиҳандаи ҷаҳониён бошад. (Сураи Фурқон, ояти 1).

Ва Худованд дар бораи Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб (алайҳимус-салом) фармуд:

﴿وَٱذۡكُرۡ عِبَٰدَنَآ إِبۡرَٰهِيمَ وَإِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَ أُوْلِي ٱلۡأَيۡدِي وَٱلۡأَبۡصَٰرِ 45 إِنَّآ أَخۡلَصۡنَٰهُم بِخَالِصَةٖ ذِكۡرَى ٱلدَّارِ 46 وَإِنَّهُمۡ عِندَنَا لَمِنَ ٱلۡمُصۡطَفَيۡنَ ٱلۡأَخۡيَارِ 47﴾

(Ва [эй паёмбар] аз бандагони Мо Иброҳим ва Исҳоқ ва Яъқуб, ки тавонманду бобасират буданд. Мо онҳоро бо ёди охират ихлос бахшидем. Ва онҳо назди Мо аз баргузидагони неконанд). (Сураи Сод, оятҳои 45-47).

Инчунин Аллоҳ Таъоло дар ҳаққи Исо ибни Марям мефармояд:

﴿إِنۡ هُوَ إِلَّا عَبۡدٌ أَنۡعَمۡنَا عَلَيۡهِ وَجَعَلۡنَٰهُ مَثَلٗا لِّبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ 59﴾

(Исо фақат бандаест, ки бар ӯ неъмат [-и рисолат] арзонӣ доштем ва ӯро намунае [аз қудрати илоҳӣ] барои Бани Исроил қарор додем). (Сураи Зухруф, ояти 59).

Имон ба паёмбарон чаҳор чизро дар бар мегирад:

Аввал: имон ба ин ки рисолати онон ҳақ ва аз назди Аллоҳ Таъоло аст. Пас, ҳар касе ба рисолати яке аз онҳо кофир шавад, ба ҳамаашон кофир шудааст. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿كَذَّبَتۡ قَوۡمُ نُوحٍ ٱلۡمُرۡسَلِينَ 105﴾

(Қавми Нӯҳ паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд). (Сураи Шуъаро, ояти 105).

Пас, Аллоҳ онҳоро дурӯғбарорандаи ҳамаи паёмбарон гардонид, дар ҳоле ки вақте ӯро дурӯғгӯ бароварданд, ба ҷуз ӯ паёмбари дигаре набуд. Бинобар ин, он насрониҳое, ки Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро таксиб карданд ва аз ӯ пайравӣ нанамуданд, дар ҳақиқат Масеҳ ибни Марямро низ таксиб кардаанд ва пайрави ӯ ҳам нестанд. Хусусан, ки Исо (алайҳис-салом) ба омадани Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) башорат дода буд ва ин башорати ӯ маъное ҷуз ин надорад, ки вай фиристодае ба сӯи онҳост, то Худованд ба воситаи ӯ онҳоро аз гумроҳӣ наҷот диҳад ва ба роҳи рост ҳидояташон кунад.

Дувум: имон ба касоне аз онон, ки номҳояшонро медонем, монанди Муҳаммад, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Нӯҳ (алайҳимус-салоту вас-салом). Ва ин панҷ нафар паёмбарони улулъазм ҳастанд ва Аллоҳ Таъоло онҳоро дар ду мавзеъ аз Қуръон дар қавли Худ зикр намудааст:

﴿وَإِذۡ أَخَذۡنَا مِنَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ مِيثَٰقَهُمۡ وَمِنكَ وَمِن نُّوحٖ وَإِبۡرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَى ٱبۡنِ
مَرۡيَمَۖ وَأَخَذۡنَا مِنۡهُم مِّيثَٰقًا غَلِيظٗا 7﴾

(Ва [эй Паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки аз паёмбарон паймон [яктопарастӣ ва нубувват] гирифтем ва [ба вижа] аз ту ва Нӯҳ ва Иброҳим ва Мӯсо ва Исо - писари Марям; ва аз ҳамаи онон паймони маҳкаме [дар бораи таблиғи дин]

гирифтем). (Сураи Аҳзоб, ояти 7). Дар ояти дигаре мефармояд:

﴿شَرَعَ لَكُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا وَصَّىٰ بِهِۦ نُوحٗا وَٱلَّذِيٓ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ وَمَا وَصَّيۡنَا بِهِۦٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَىٰٓۖ أَنۡ أَقِيمُواْ ٱلدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُواْ فِيهِۚ كَبُرَ عَلَى ٱلۡمُشۡرِكِينَ مَا تَدۡعُوهُمۡ إِلَيۡهِۚ ٱللَّهُ يَجۡتَبِيٓ إِلَيۡهِ مَن يَشَآءُ وَيَهۡدِيٓ إِلَيۡهِ مَن يُنِيبُ 13﴾

(Аз дин ҳамонро барои шумо муқаррар кард, ки ба Нӯҳ амр карда буд ва низ он чи ба ту ваҳй кардем ва он чи ба Иброҳим ва Мӯсо ва Исо амр кардем, ин ки: «Динро барпо нигоҳ доред ва дар мавриди он фирқа-фирқа нашавед [ва ихтилоф наварзед]». [Пазириши] Даъвати ту бар мушрикон гарон омадааст. Аллоҳ Таъоло аст, ки ҳар касро бихоҳад [тавфиқи ибодат медиҳад ва] ба сӯйи хеш бармегузинад ва ҳар киро [ки тавба кунад ва ба даргоҳаш] боз ояд, ба сӯйи хеш ҳидоят хоҳад кард). (Сураи Шӯро, ояти 13).

Аммо дар бораи он паёмбароне, ки номҳояшонро намедонем, ба шакли иҷмолӣ ба онон имон меоварем. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا رُسُلٗا مِّن قَبۡلِكَ مِنۡهُم مَّن قَصَصۡنَا عَلَيۡكَ وَمِنۡهُم مَّن لَّمۡ نَقۡصُصۡ عَلَيۡكَۗ...﴾

(Пеш аз ту низ паёмбароне фиристодаем, ки [саргузашти] бархе аз эшонро бароят ҳикоят кардаем ва бархе дигарро ҳикоят накардаем...) (Сураи Ғофир, ояти 78).

Сеюм: тасдиқи ҳар хабаре, ки додаанд ва барои мо аз роҳи саҳеҳ ва дуруст расидааст.

Чаҳорум: амал кардан ба шариати паёмбаре, ки ба сӯи мо фиристода шудааст ва ӯ охирини паёмбарон Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, ки ба сӯи тамоми мардум фиристода шудааст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤۡمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيۡنَهُمۡ ثُمَّ لَا يَجِدُواْ فِيٓ أَنفُسِهِمۡ حَرَجٗا مِّمَّا قَضَيۡتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسۡلِيمٗا 65﴾

(На! Савганд ба Парвардигорат, [эй Муҳаммад] ки онон имон намеоваранд, магар ин ки дар ихтилофоташон туро довар қарор диҳанд ва аз доварии ту дар дили хеш эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд). (Сураи Нисо, ояти 65).

Имон ба паёмбарон самараҳои бузурге дорад, аз ҷумла:

Якум: донистани раҳмати Аллоҳ Таъоло ва инояти Ӯ ба бандагонаш, зеро Ӯ ба сӯи онҳо паёмбаронро фиристод, то онҳоро ба роҳи Худ ҳидоят намоянд ва барояшон баён кунанд, ки чӣ гуна Ӯро ибодат намоянд; чунки ақли башарӣ ба танҳоӣ қодир ба дарки ин амр нест.

Дувум: шукри Аллоҳ Таъоло барои ин неъмати бузург.

Сеюм: дӯст доштани паёмбарон (алайҳимус-салом), таъзими онҳо ва ситоиши эшон ба он чи сазовори онҳост. Зеро онҳо фиристодагони Худои Таъоло ҳастанд ва ба ибодати Ӯ,

расонидани паёмаш ва насиҳат ба бандагонаш машғуланд.

Ва ҳамоно саркашон паёмбарони худро дурӯғгӯ баровардa, мепиндоштанд, ки паёмбарони Аллоҳ Таъоло аз ҷинси инсонҳо буда наметавонанд. Ва Аллоҳ Таъоло ин пиндори ботилро зикр намуда, онро бо ин фармудаи Худ ботил сохтааст:

﴿وَمَا مَنَعَ ٱلنَّاسَ أَن يُؤۡمِنُوٓاْ إِذۡ جَآءَهُمُ ٱلۡهُدَىٰٓ إِلَّآ أَن قَالُوٓاْ أَبَعَثَ ٱللَّهُ بَشَرٗا رَّسُولٗا
94 قُل لَّوۡ كَانَ فِي ٱلۡأَرۡضِ مَلَٰٓئِكَةٞ يَمۡشُونَ مُطۡمَئِنِّينَ لَنَزَّلۡنَا عَلَيۡهِم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ مَلَكٗا
رَّسُولٗا 95﴾

(Ва [чизе] имон овардани мардум нашуд–он гоҳ ки ҳидоят барояшон омад–ҷуз ин ки гуфтанд: «Оё Аллоҳ Таъоло як инсонро ба паёмбарӣ барангехта аст?» Бигӯ: «Агар дар замин фариштагон ба оромӣ роҳ мерафтанд, ҳатман барояшон аз осмон фариштаи паёмбарро нозил мекардем.») (Сураи Исро оятҳои 94-95).

Пас, Аллоҳ Таъоло ин гумони ботилро бо ин далел рад кард, ки паёмбар ҳатман бояд башар бошад, зеро ӯ ба сӯи аҳли рӯи замин фиристода шудааст ва онҳо низ башаранд. Ва агар аҳли рӯи замин фариштагон мебуданд, Аллоҳ ҳатман барояшон аз осмон фариштаеро ба паёмбарӣ нозил мекард, то монанди худашон бошад. Ва ҳамчунин Аллоҳ Таъоло дар бораи

таксибкунандагони паёмбарон ҳикоят кардааст, ки онҳо гуфтанд:

﴿...إِنۡ أَنتُمۡ إِلَّا بَشَرٞ مِّثۡلُنَا تُرِيدُونَ أَن تَصُدُّونَا عَمَّا كَانَ يَعۡبُدُ ءَابَآؤُنَا فَأۡتُونَا بِسُلۡطَٰنٖ مُّبِينٖ قَالَتۡ لَهُمۡ رُسُلُهُمۡ إِن نَّحۡنُ إِلَّا بَشَرٞ مِّثۡلُكُمۡ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَمُنُّ عَلَىٰ مَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦۖ وَمَا كَانَ لَنَآ أَن نَّأۡتِيَكُم بِسُلۡطَٰنٍ إِلَّا بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ...﴾

(«...Шумо ҷуз башаре ҳаммонанди мо нестед, [ва] мехоҳед моро аз он чи ки падаронамон мепарастиданд, боздоред. Пас, далели ошкоре [дар мавриди ростгӯиятон] бароямон биёваред». Паёмбаронашон гуфтанд: «Мо ҷуз башаре ҳаммонанди шумо нестем, вале Аллоҳ Таъоло ба ҳар ки аз бандагонаш бихоҳад, неъмат мебахшад. Ва моро нашояд, ки ҷуз ба изни Аллоҳ Таъоло далеле бароятон биёварем»). (Сураи Иброҳим, оятҳои 10-11).

*

## Имон ба рӯзи қиёмат

Рӯзи охират: рӯзи қиёмат аст, ки мардум дар он барои ҳисобу ҷазо барангехта мешаванд.

Рӯзи қиёматро барои он "рӯзи охир" номидаанд, ки чун пас аз он дигар рӯз нест, он рӯзест, ки аҳли биҳишт дар ҷойҳои худ қарор мегиранд ва аҳли дӯзах низ дар ҷойҳои худ.

Имон ба рӯзи охират се чизро дар бар мегирад:

Аввал: имон ба растохез, ки он зинда шудани мурдагон ҳангоми дамидани дувум дар сур аст. Пас, мардум барои Парвардигори оламиён

пойбараҳна, урён ва хатнанашуда бармехезанд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...كَمَا بَدَأۡنَآ أَوَّلَ خَلۡقٖ نُّعِيدُهُۥۚ وَعۡدًا عَلَيۡنَآۚ إِنَّا كُنَّا فَٰعِلِينَ﴾

(...ҳамон гуна ки нахустин [бор] офаринишро оғоз кардем, [бори дигар] онро бозмегардонем. [Ин] Ваъдае аст бар уҳдаи Мо, ки ҳатман, анҷомаш хоҳем дод). (Сураи Анбиё, ояти 104).

Ва зинда шудани баъд аз марг ҳақиқати собит аст, ки Китобу Суннат ва иҷмои мусалмонон ба он далолат мекунанд.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ثُمَّ إِنَّكُم بَعۡدَ ذَٰلِكَ لَمَيِّتُونَ 15 ثُمَّ إِنَّكُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ تُبۡعَثُونَ 16﴾

(Сипас шумо [пас аз тайи мароҳили зиндагӣ] ҳатман, хоҳед мурд. Сипас шумо дар рӯзи қиёмат зинда гардонида мешавед). (Сураи Муъминун, оятҳои 15-16).

Ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд:

«يُحْشَرُ النَّاسُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ حُفَاةً عُرَاةً غُرْلًا».

"Мардум дар рӯзи қиёмат пойҳои бараҳна, тани бараҳна ва хатнанашуда ҳашр мегарданд"[1]. Муттафақун алайҳи.

Мусалмонон бар собит будани он иҷмоъ доранд ва ин муқтазои ҳикмат аст, зеро ҳикмат тақозо мекунад, ки Аллоҳ Таъоло барои ин

[1] Ривояти Муслим, китоби ҷаннат, васфи неъматҳо ва аҳли он, боби "фанои дунё ва баёни ҳашр дар рӯзи қиёмат", рақами (2859).

офаридаҳо маоде қарор диҳад, то дар он ононро дар баробари он чи ба воситаи паёмбаронаш барояшон муқаррар фармудааст, подош диҳад. Худованд мефармояд:

﴿أَفَحَسِبۡتُمۡ أَنَّمَا خَلَقۡنَٰكُمۡ عَبَثٗا وَأَنَّكُمۡ إِلَيۡنَا لَا تُرۡجَعُونَ 115﴾

(Оё пиндоштаед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва ба сӯйи Мо бозгардонида намешавед?) (Сураи Муъминун, ояти 115). Ва Аллоҳ Таъоло дар хитоб ба Паёмбараш Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِي فَرَضَ عَلَيۡكَ ٱلۡقُرۡءَانَ لَرَآدُّكَ إِلَىٰ مَعَادٖۚ...﴾

(Ҳамон [Парвардигоре], ки Қуръонро [нозил намуд ва таблиғашро] бар ту воҷиб кард, ҳатман, туро ба ҷойгоҳат [дар Макка] бозмегардонад...) (Сураи Қасас, ояти 85).

Дуввум: имон ба ҳисобу китоб ва подош. Банда барои амалаш ҳисобу китоб карда мешавад ва бар он подош дода мешавад. Ва бар ин Китобу Суннат ва иҷмои мусалмонон далолат мекунад.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ إِلَيۡنَآ إِيَابَهُمۡ 25 ثُمَّ إِنَّ عَلَيۡنَا حِسَابَهُم 26﴾

(Ҳамоно бозгашти онҳо ба сӯйи Мост 25 Сипас, ҳисобашон бар ӯҳдаи Мост 26) (Сураи Ғошия, оятҳои 25-26). Дар ояти дигар Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿مَن جَآءَ بِٱلۡحَسَنَةِ فَلَهُۥ عَشۡرُ أَمۡثَالِهَاۖ وَمَن جَآءَ بِٱلسَّيِّئَةِ فَلَا يُجۡزَىٰٓ إِلَّا مِثۡلَهَا وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ 160﴾

([Дар он рӯз] Ҳар [муъмине] ки кори неке биоварад, даҳ баробараш [подош] хоҳад дошт ва ҳар ки кори баде биоварад, ҷуз монандаш кайфар нахоҳад дид ва ба онон ситам нахоҳад шуд). (Сураи Анъом, ояти 160). Низ Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَنَضَعُ ٱلۡمَوَٰزِينَ ٱلۡقِسۡطَ لِيَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ فَلَا تُظۡلَمُ نَفۡسٞ شَيۡـٔٗاۖ وَإِن كَانَ مِثۡقَالَ حَبَّةٖ مِّنۡ خَرۡدَلٍ أَتَيۡنَا بِهَاۗ وَكَفَىٰ بِنَا حَٰسِبِينَ 47﴾

(Рӯзи қиёмат Мо тарозуҳои адлро [барои ҳисобрасӣ дар миён] мениҳем, пас, ба ҳеҷ кас [камтарин] ситаме намешавад ва агар [кирдорашон] ҳамсанги донаи хардале бошад, онро [ба ҳисоб] меоварем ва кофист, ки Мо ҳисобрас бошем). (Сураи Анбиё, ояти 47).

Аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«إِنَّ اللَّهَ يُدْنِي الْمُؤْمِنَ، فَيَضَعُ عَلَيْهِ كَنَفَهُ - أَيْ سَتْرَهُ - وَيَسْتُرُهُ: فَيَقُولُ: أَتَعْرِفُ ذَنْبَ كَذَا؟ أَتَعْرِفُ ذَنْبَ كَذَا؟ فَيَقُولُ: نَعَمْ أَيْ رَبِّ، حَتَّى إِذَا قَرَّرَهُ بِذُنُوبِهِ، وَرَأَى فِي نَفْسِهِ أَنَّهُ هَلَكَ قَالَ: سَتَرْتُهَا عَلَيْكَ فِي الدُّنْيَا وَأَنَا أَغْفِرُهَا لَكَ الْيَوْمَ، فَيُعْطَى كِتَابَ حَسَنَاتِهِ، وَأَمَّا الْكُفَّارُ وَالْمُنَافِقُونَ فَيُنَادَى بِهِمْ عَلَى رُؤُوسِ الْخَلَائِقِ: هَؤُلَاءِ الَّذِينَ كَذَبُوا عَلَى رَبِّهِمْ، أَلَا لَعْنَةُ اللَّهِ عَلَى الظَّالِمِينَ»

«Ҳамоно Худованд муъминро наздик оварда, бар ӯ пардаи Худ, (пӯшиши Худ)-ро гузошта, ӯро мепӯшонад ва мегӯяд: Оё фалон гуноҳро мешиносӣ? Оё фалон гуноҳро мешиносӣ?

(Банда) мегӯяд: Бале, эй Парвардигорам. То он гоҳ ки ӯро ба гуноҳонаш иқрор кунонад ва дар дили худ бинад, ки ҳалок шудааст, (Худованд) мегӯяд: Онҳоро дар дунё бар ту пӯшонидам ва имрӯз онҳоро бароят меомурзам. Сипас китоби ҳасаноташ (некиҳояш) ба ӯ дода мешавад. Аммо кофирон ва мунофиқон, дар назди ҳамаи махлуқот нидо карда мешаванд: инҳо касонеанд, ки бар Парвардигорашон дурӯғ бастанд. Огоҳ бошед, ки лаънати Худо бар ситамгарон бод!»[1] Муттафақун алайҳи.

Аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки фармуданд:

«أَنَّ مَنْ هَمَّ بِحَسَنَةٍ فَعَمِلَهَا؛ كَتَبَهَا اللَّهُ عِنْدَهُ عَشْرَ حَسَنَاتٍ إِلَى سَبْعِ مِئَةِ ضِعْفٍ إِلَى أَضْعَافٍ كَثِيرَةٍ، وَأَنَّ مَنْ هَمَّ بِسَيِّئَةٍ فَعَمِلَهَا؛ كَتَبَهَا اللَّهُ سَيِّئَةً وَاحِدَةً».

«Ҳаройина, ҳар ки қасди некӣ карду онро ба анҷом расонид, Худои Таъоло дар назди Худ барояш аз даҳ ҳасана то ҳафтсад баробар ва аз он ҳам бештар менависад; ва ҳар ки қасди бадӣ карду онро ба анҷом расонид, Худои Таъоло барояш як бадӣ менависад».[2]

Мусалмонон бар исботи ҳисоб ва ҷазо дар баробари аъмол иҷмоъ кардаанд ва ин тақозои

---

[1] Ривояти Бухорӣ, Китоби мазолим, боби "Қавли Аллоҳ Таъоло: «Огоҳ бошед! Лаънати Аллоҳ бар ситамгорон аст", рақами (2309), Муслим, Китоби тавба, боби "Қабули тавбаи қотил, агарчи қатлаш зиёд бошад", рақами (2768).

[2] Ривояти Муслим: Китоби имон, боби «Ҳар гоҳ банда қасди некӣ кунад, навишта мешавад ва ҳар гоҳ қасди бадӣ кунад, навишта намешавад», рақами (131).

ҳикмат аст. Зеро Аллоҳ Таъоло китобҳоро нозил кард, паёмбаронро фиристод, бар бандагон қабули он чиро, ки овардаанд ва амал кардан ба он чизе, ки амал ба он воҷиб аст, фарз гардонид ва ҷангидан бо мухолифони онро воҷиб сохт ва хунҳо, зурриёт, занон ва амволашонро ҳалол гардонид. Пас, агар ҳисобу ҷазое намебуд, ин кори беҳудае мебуд, ки Парвардигори Ҳаким аз он пок аст. Ва Аллоҳ Таъоло бо ин қавли Худ ба ин масъала ишора кардааст:

﴿فَلَنَسْـَٔلَنَّ ٱلَّذِينَ أُرْسِلَ إِلَيْهِمْ وَلَنَسْـَٔلَنَّ ٱلْمُرْسَلِينَ 6 فَلَنَقُصَّنَّ عَلَيْهِم بِعِلْمٍۖ وَمَا كُنَّا غَآئِبِينَ 7﴾

(Мусалламан, Мо аз касоне, ки [паёмбаронамон] ба сӯяшон фиристода шуданд, [дар бораи пазириши паёми ҳақ] суол хоҳем кард ва ҳатман, аз паёмбарон [низ дар бораи посухи умматҳояшон ба даъвати онон] хоҳем пурсид. Яқинан, [кирдори бандагонро] бо илм [-и худ] барояшон баён мекунем ва мо ҳаргиз ғоиб [ва ғофил аз аҳволи онон] набудаем). (Сураи Аъроф, ояти 6-7)

Сеюм: имон ба биҳишт ва дӯзах ва ба он ки он ду саранҷоми абадии халқ ҳастанд.

Биҳишт хонаи неъмат аст, ки Аллоҳ Таъоло барои муъминон ва парҳезгороне омода кардааст, ки ба он чи Аллоҳ имон оварданро бар онон воҷиб гардонидааст, имон овардаанд ва аз Аллоҳ ва Паёмбараш (саллаллоҳу алайҳи ва

саллам) фармонбардорӣ намуда, ибодатро барои Аллоҳ холис гардонида ва аз Паёмбараш пайравӣ кардаанд; дар он аз анвои неъматҳо мавҷуд аст.

«مَا لَا عَيْنٌ رَأَتْ، وَلَا أُذُنٌ سَمِعَتْ، وَلَا خَطَرَ عَلَى قَلْبِ بَشَرٍ»،

«Чизҳое, ки на чашме дидааст, на гӯше шунида ва на ба дили инсоне хутур кардааст».[1] Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ خَيۡرُ ٱلۡبَرِيَّةِ 7 جَزَآؤُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡ جَنَّٰتُ عَدۡنٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُۚ ذَٰلِكَ لِمَنۡ خَشِيَ رَبَّهُۥ 8﴾

(Ҳамоно касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, онон беҳтарини офаридагон ҳастанд. Ҷазои онҳо назди Парвардигорашон боғҳои ҷовидон аст, ки дар зери онҳо наҳрҳо ҷорӣ мешаванд, дар он ҷо ҷовидона мемонанд. Худо аз онҳо розӣ аст ва онҳо аз Худо розӣ ҳастанд. Ин барои касест, ки аз Парвардигораш метарсад). (Сураи Байина, оятҳои 7-8). инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿فَلَا تَعۡلَمُ نَفۡسٞ مَّآ أُخۡفِيَ لَهُم مِّن قُرَّةِ أَعۡيُنٖ جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ 17﴾

(Пас, ҳеҷ кас намедонад, ба [поси] он чи [ин муъминон дар дунё] анҷом медиҳанд, чи [бисёр мояи] равшании чашмҳо барояшон нуҳуфта аст). (Сураи Саҷда, ояти 17).

---

[1] Бухорӣ ривоят кардааст: китоби «Тафсир», боб дар баёни ин оят: ﴿فَلَا تَعۡلَمُ نَفۡسٞ مَّآ أُخۡفِيَ لَهُم مِّن قُرَّةِ أَعۡيُنٖ﴾, рақами (4501), ва Муслим: китоби «Ҷаннат ва васфи неъматҳову аҳли он», рақами (2824).

Ва аммо оташ: он хонаи азоб аст, ки Аллоҳ Таъоло онро барои кофирони золим, ононе, ки ба Ӯ куфр варзиданд ва ба паёмбаронаш нофармонӣ карданд, омода кардааст. Дар он навъҳои азобу уқубатест, ки ба хаёл намеояд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَٱتَّقُواْ ٱلنَّارَ ٱلَّتِيٓ أُعِدَّتۡ لِلۡكَٰفِرِينَ 131﴾

(Ва аз оташе, ки барои кофирон омода шудааст, бипарҳезед). (Сураи Оли Имрон, ояти 131). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَقُلِ ٱلۡحَقُّ مِن رَّبِّكُمۡۖ فَمَن شَآءَ فَلۡيُؤۡمِن وَمَن شَآءَ فَلۡيَكۡفُرۡۚ إِنَّآ أَعۡتَدۡنَا لِلظَّٰلِمِينَ نَارًا
أَحَاطَ بِهِمۡ سُرَادِقُهَاۚ وَإِن يَسۡتَغِيثُواْ يُغَاثُواْ بِمَآءٖ كَٱلۡمُهۡلِ يَشۡوِي ٱلۡوُجُوهَۚ بِئۡسَ
ٱلشَّرَابُ وَسَآءَتۡ مُرۡتَفَقًا 29﴾

([Эй паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «[Ин Қуръон сухани] Ҳақ аст аз ҷониби Парвардигоратон; пас, ҳар ки мехоҳад, имон оварад ва ҳар ки мехоҳад, кофир шавад». Мо барои ситамгорон оташе омода кардаем, ки саропардаҳояш ононро аз ҳар сӯ фаро мегирад; ва агар [дар талаби об] фарёдрасе биҷӯянд, бо обе ҳамчун миси гудохта ба фарёдашон мерасанд; [обе, ки ҳарораташ] чеҳраҳоро бирён мекунад. Чи бад нушиданӣ ва чи бад ҷойгаҳе аст!) (Сураи Каҳф, ояти 29). Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَعَنَ ٱلۡكَٰفِرِينَ وَأَعَدَّ لَهُمۡ سَعِيرًا 64 خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۖ لَّا يَجِدُونَ وَلِيّٗا وَلَا
نَصِيرٗا 65 يَوۡمَ تُقَلَّبُ وُجُوهُهُمۡ فِي ٱلنَّارِ يَقُولُونَ يَٰلَيۡتَنَآ أَطَعۡنَا ٱللَّهَ وَأَطَعۡنَا ٱلرَّسُولَا۠
66﴾

(Бе тардид, Аллоҳ Таъоло кофиронро аз раҳмати хеш дур карда ва барояшон оташи афрӯхта муҳайё кардааст, дар он ҷовидона мемонанд, ҳеҷ ёру мададгоре намеёбанд. Рӯзе ки чеҳраҳояшон дар оташ гардонда мешаванд, мегӯянд: «Эй кош, мо Аллоҳро итоат мекардем ва расулро итоат мекардем»). (Сураи Аҳзоб, оятҳои 64-66).

Ва имон ба рӯзи охират самараҳои бузург дорад, аз ҷумла:

Якум: рағбат ба анҷоми тоъат ва ҳарис будан бар он, ба умеди аҷру савоби он рӯз.

Дуввум: тарсидан аз содир кардани гуноҳ ва аз розӣ будан ба он, аз тарси муҷозоти он рӯз аст.

Сеюм: тасаллӣ ёфтани муъмин барои он чи аз дунё аз даст медиҳад, ба умеди неъматҳои охират ва савоби он.

Кофирон зинда шудани баъд аз маргро инкор карда, пиндоштанд, ки ин амр ғайриимкон аст.

Ин иддао ботил буда, шариат, ҳис ва ақл бар бутлони он далолат мекунанд.

Далели шаръӣ: Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿زَعَمَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَن لَّن يُبۡعَثُواْۚ قُلۡ بَلَىٰ وَرَبِّي لَتُبۡعَثُنَّ ثُمَّ لَتُنَبَّؤُنَّ بِمَا عَمِلۡتُمۡۚ وَذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٞ 7﴾

(Касоне, ки кофир шуданд, гумон бурданд, ки ҳаргиз барангехта нахоҳанд шуд. Бигӯ: «Оре; ба Парвардигорам савганд, яқинан [ҳама]

барангехта хоҳед шуд; он гоҳ аз он чи мекардед, ба шумо хабар хоҳанд дод ва ин [кор] бар Аллоҳ Таъоло осон аст.») (Сураи Тағобун, ояти 7). Ва ҳамаи китобҳои осмонӣ бар он иттифоқ доранд.

Аммо далели ҳиссӣ: Аллоҳ ба бандагонаш зинда гардонидани мурдагонро дар ҳамин дунё нишон додааст ва дар сураи Бақара панҷ мисол дар ин бора омадааст, ки иборатанд аз:

Мисоли якум: қавми Мӯсо, вақте ки ба ӯ гуфтанд:

﴿...لَن نُّؤۡمِنَ لَكَ حَتَّىٰ نَرَى ٱللَّهَ جَهۡرَةٗ ...﴾

(...мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем, магар ин ки Аллоҳро ошкоро бубинем...) (Сураи Бақара, ояти 55).

Пас, Аллоҳ Таъоло онҳоро миронд, сипас онҳоро зинда гардонд. Ва дар ин маврид Аллоҳ Таъоло дар хитоб ба банӣ Исроил мефармояд:

﴿وَإِذۡ قُلۡتُمۡ يَٰمُوسَىٰ لَن نُّؤۡمِنَ لَكَ حَتَّىٰ نَرَى ٱللَّهَ جَهۡرَةٗ فَأَخَذَتۡكُمُ ٱلصَّٰعِقَةُ وَأَنتُمۡ تَنظُرُونَ 55 ثُمَّ بَعَثۡنَٰكُم مِّنۢ بَعۡدِ مَوۡتِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ 56﴾

(Ва [ба ёд оваред] ҳангомеро ки гуфтед: "Эй Мӯсо, мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем, магар ин ки Аллоҳро ошкоро бубинем". Пас, соиқа [оташак] шуморо дар ҳоле гирифт, ки [азоби худро бо чашми хеш] менигаристед. Сипас, шуморо пас аз маргатон зинда гардонидем, то шукргузорӣ кунед). (Сураи Бақара, оятҳои 55-56).

Мисоли дуюм: дар қиссаи он кушташудае, ки бани Исроил дар бораи ӯ ихтилоф карданд. Пас, Аллоҳ Таъоло ба онҳо амр кард, ки говеро забҳ кунанд ва бо порае аз он ба кушташуда бизананд, то (он кушташуда) онҳоро аз қотилаш хабар диҳад. Ва дар ин бора Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَإِذۡ قَتَلۡتُمۡ نَفۡسٗا فَٱدَّٰرَٰٔتُمۡ فِيهَاۖ وَٱللَّهُ مُخۡرِجٞ مَّا كُنتُمۡ تَكۡتُمُونَ 72 فَقُلۡنَا ٱضۡرِبُوهُ
بِبَعۡضِهَاۚ كَذَٰلِكَ يُحۡيِ ٱللَّهُ ٱلۡمَوۡتَىٰ وَيُرِيكُمۡ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَعۡقِلُونَ 73﴾

(Ва [ба ёд оваред] ҳангоме ки фардеро куштед ва дар бораи [қотили] ӯ ба низоъ пардохтед ва Аллоҳ Таъоло чизеро, ки пинҳон мекардед, ошкор намуд. Пас гуфтем: 'Бо баъзе аз он ӯро бизанед'. Ҳамин тавр Аллоҳ Таъоло мурдагонро зинда мекунад ва нишонаҳои худро ба шумо нишон медиҳад, то шояд шумо биандешед). (Сураи Бақара, оятҳои 72-73).

Мисоли сеюм: қиссаи он қавме, ки барои фирор аз марг аз диёри худ берун рафтанд, дар ҳоле ки ҳазорон нафар буданд; пас Аллоҳ Таъоло онҳоро миронид, сипас дубора зинда гардонид. Ва дар ин бора Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ خَرَجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَهُمۡ أُلُوفٌ حَذَرَ ٱلۡمَوۡتِ فَقَالَ لَهُمُ ٱللَّهُ مُوتُواْ
ثُمَّ أَحۡيَٰهُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَشۡكُرُونَ 243﴾

([Эй паёмбар] Оё намедонӣ, [достони] афроде [аз бани Исроил]-ро, ки ҳазорон нафар буданд, ки аз тарси [беморӣ ва] марг аз

хонаҳояшон фирор карданд? Аллоҳ Таъоло ба онон гуфт: Бимиред [пас мурданд]. Сипас Аллоҳ Таъоло онҳоро зинда кард [то барояшон равшан гардонад, ки тамоми корҳо ба дасти Ӯст]. Ба ростӣ, ки Аллоҳ Таъоло нисбат ба бандагонаш бахшоиш дорад, вале бештари мардум шукр [-и неъматҳо] -ашро ба ҷой намеоваранд). (Сураи Бақара, ояти 243).

Мисоли чаҳорум: дар қиссаи он касе, ки аз канори деҳаи вайронае гузашт ва баъид донист, ки Аллоҳ Таъоло онро зинда гардонад. Пас, Аллоҳ Таъоло ӯро ба муддати сад сол миронд, сипас ӯро зинда кард ва дар ин бора Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿أَوۡ كَٱلَّذِي مَرَّ عَلَىٰ قَرۡيَةٖ وَهِيَ خَاوِيَةٌ عَلَىٰ عُرُوشِهَا قَالَ أَنَّىٰ يُحۡيِۦ هَٰذِهِ ٱللَّهُ بَعۡدَ مَوۡتِهَاۖ فَأَمَاتَهُ ٱللَّهُ مِاْئَةَ عَامٖ ثُمَّ بَعَثَهُۥۖ قَالَ كَمۡ لَبِثۡتَۖ قَالَ لَبِثۡتُ يَوۡمًا أَوۡ بَعۡضَ يَوۡمٖۖ قَالَ بَل لَّبِثۡتَ مِاْئَةَ عَامٖ فَٱنظُرۡ إِلَىٰ طَعَامِكَ وَشَرَابِكَ لَمۡ يَتَسَنَّهۡۖ وَٱنظُرۡ إِلَىٰ حِمَارِكَ وَلِنَجۡعَلَكَ ءَايَةٗ لِّلنَّاسِۖ وَٱنظُرۡ إِلَى ٱلۡعِظَامِ كَيۡفَ نُنشِزُهَا ثُمَّ نَكۡسُوهَا لَحۡمٗاۚ فَلَمَّا تَبَيَّنَ لَهُۥ قَالَ أَعۡلَمُ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ 259﴾

(Ё ҳамчун он, ки аз шаҳр [-и вайрону матрук] гузашт, ки сақфҳо ва деворҳояш фурӯ рехта буд. [Ӯ бо худ] Гуфт: "Чи гуна Аллоҳ Таъоло [аҳли] ин [диёр] – ро пас аз маргашон зинда мекунад"? Пас Аллоҳ Таъоло ӯро [ба муддати] сад сол миронид, [ва] сипас зинда кард [ва ба ӯ] гуфт: "Чанд муддат [дар ин ҳол] мондаӣ"? Гуфт: "Як рӯз ё бахше аз як рӯз [дар ин ҳол] мондаам". Фармуд: "Чунин нест; сад сол [дар чунин ҳоле] мондаӣ. Ба хӯрданиву нӯшиданиат бингар, ки

бо гузашти замон дигаргун нашудааст ва ба дарозгӯши худ бингар [ки чӣ гуна муталошӣ шудааст. Мо чунин кардем то ба суолат посух гӯем] ва туро барои мардум нишонае [дар мавриди қиёмат] қарор диҳем. [Акнун] Ба устухонҳои он [ҳайвон] нигоҳ кун, ки чи гуна онҳоро ба ҳам пайванд медиҳем ва сипас гӯште бар он мепӯшонем". Пас, ҳангоме ки [қудрати илоҳӣ бар зинда кардани мурдагон] барояш ошкор шуд, гуфт: "[Ба яқин] Медонам, ки Аллоҳ Таъоло бар ҳар коре тавоност). (Сураи Бақара, ояти 259).

Мисоли панҷум: дар қиссаи Иброҳими Халил, ҳангоме ки аз Аллоҳ Таъоло пурсид, то ба ӯ бинамояд, ки чӣ гуна мурдагонро зинда месозад, пас, Аллоҳ Таъоло ӯро амр кард, ки чаҳор паррандаро забҳ карда, онҳоро пора-пора намояд ва бар кӯҳҳои атрофаш бигзорад, сипас онҳоро фаро хонад, он гоҳ он пораҳо ба якдигар пайваста, шитобон ба назди Иброҳим меоянд. Аллоҳ Таъоло дар ин бора чунин мефармояд:

﴿وَإِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِـۧمُ رَبِّ أَرِنِي كَيۡفَ تُحۡيِ ٱلۡمَوۡتَىٰۖ قَالَ أَوَلَمۡ تُؤۡمِنۖ قَالَ بَلَىٰ وَلَٰكِن
لِّيَطۡمَئِنَّ قَلۡبِيۖ قَالَ فَخُذۡ أَرۡبَعَةٗ مِّنَ ٱلطَّيۡرِ فَصُرۡهُنَّ إِلَيۡكَ ثُمَّ ٱجۡعَلۡ عَلَىٰ كُلِّ جَبَلٖ
مِّنۡهُنَّ جُزۡءٗا ثُمَّ ٱدۡعُهُنَّ يَأۡتِينَكَ سَعۡيٗاۚ وَٱعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٞ 260﴾

(Ва [Эй паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки Иброҳим гуфт: "Парвардигоро, ба ман нишон бидеҳ, чи гуна мурдагонро зинда мекунӣ"? [Аллоҳ Таъоло] Фармуд: "Магар имон

наёвардай"? Гуфт: "Бале, вале [мехоҳам] қалбам ором бигирад". Фармуд: "Пас, чаҳор парранда бигир [ва бикуш] ва пора – пора кун [ва дар ҳам биёмез], сипас бар ҳар кӯҳе порае аз онҳоро бигзор, [ва] онгоҳ онҳоро [ба сӯйи худ] фаро хон; [хоҳӣ дид, ки зинда мешаванд ва] шитобон ба сӯйи ту меоянд; ва [эй Иброҳим], бидон, ки Аллоҳ Таъоло шикастнопазиру ҳаким аст). (Сураи Бақара, ояти 260).

